Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№1(1079)
31 январи соли 2025

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# МАСЪАЛАҲОИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



Аҳлиддин Ибодуллозода,
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**«Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад». Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Таҷрибаи таърихӣ борҳо собит намудааст, ки ягона омили наҷоти инсоният ва таҳкими давлат ин бешак маориф мебошад. Омӯзиши илму дониш ва парвариши он дар замири наслҳо боиси саодати инсоният шудааст. Тоҷикон дар ин радиф яке аз қадимтарин миллатҳое ба шумор меравад, ки дар тӯли таърих ҳамвора таълиму тадрис ва илму дониш бароямон машғулияти ҳамешагӣ ба шумор мерафт. Аз ин сабаб, бо вуҷуди ҳамлаҳои зиёди аҷнабӣ ба сарзамини таърихии тоҷикон онҳо тавонистанд аз худ, ҳувияти худ ва ҳастии маънавии худ, дар ҳар қадам бо қаламу маърифати хеш дифоъ намуда бошанд.

Дар таҷрибаи таърихӣ кам нест ҳодисаҳое, ки бинобар сабаби безътиноӣ ба ташаккули маърифату тафаккур қавму қабоили зиёде дар як ё ду ҳуҷуми бегонагон ва ҷорӣ шудани фарҳанги онҳо дар батни фарҳанги бегонагон ҳазм шудаю ҳамчун халқи алоҳида, нопадид шуданд.

Бо дарки зарурияти ҳамин, ҷои ифтихор аст, ки дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ чеҳраҳои намоёни илму ирфони мо дар минтақа ва ҷаҳон ҳамеша пешоҳанги мафкураи маънавии ҷомеа буданд. Барои мисол, агар Зардушт дар бомдоди таърих бо афкори созандаи худ дар ҷаҳони маънавӣ инқилобе ба вуҷуд оварда бошад, пас Куруш бо хирад ва сиёсати давлатдории хеш дар аҳди қадим низоми ҷомеасолорӣ ва адолатгустариро роҳандозӣ намуд. Агар дудмони Сосониён бо бунёди академияи Гунди Шопур машҳури оламу одам шуда бошанд, пас аз ҳуҷуми ваҳшатноки араб пайравони шогирдони ин боргоҳи хирад дар акнофу атрофи олам, яъне ҳар ҷое, ки рафтанд чароғи илму ҳикматро рӯшан намуда, ба ин васила бори дигар собит карданд, ки эшон аз табори хуршеданду рисолаташон нур афканист. Чун меросбарони тамаддуни бузарг дар қалби асрҳои миёна ва дар айни авҷи тахрибкориҳои аҷнабиҳои тиҳӣ аз хиради воло чеҳраҳое чун Имоми Аъзам, ал-Хоразмӣ, Ҷобир ибни Ҳайён, Имом Бухорӣ, Ҳаким Майсарӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Берунӣ, Сино, Форобӣ, Низоммулмулк, У. Хайём, Ҷ. Балхӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, А. Дониш, С. Айнӣ ва ҳазорҳо нафари дигар зуҳур кардаю бо корномаю эҷоди худ парчами машъалафрӯзи илму саводро ҳамчун фарзандони тоҷик ҳамеша боло бардоштанд.

Бо ҳамин мо тавонистем роҳҳои пурпечутоби хатарзои гузаштаро бо сарбаландӣ убур намудаю то ба имрӯз чун халқи соҳибтамаддун бирасем. Аз саҳифаҳои таърих маълум аст, ки дар ин кор нақши шахсиятҳо дар ҳар давраи таърихӣ бориз аст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бе шакку шубҳа дар ин кор саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело назаррас аст. Дар замони соҳибистиқлолӣ миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати миллии худро бунёд намуда, дар ташаккули он пояҳои амиқ гузоштанд.

Бояд қайд намуд, ки бе шуури миллӣ худшиносии миллӣ шакл намегирад ва бе тарбияи миллӣ мо наметавонем худшиносии миллиро сайқал бубахшем. Аммо тарбияи миллӣ низ дар заминаи маорифи миллӣ ба вуҷуд омада, таҳкурсии давлати миллиро таҳким мебахшад. Вобаста ба ин масъала чанд сол қабл Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ чунин гуфта буданд: «Илму маориф аз самтҳои хеле муҳими сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад».

Давомаш дар с.2

## ДАР ИН ШУМОРА:



НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР СОЛИ 2024 — 3



ИМЗОИ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ БО ДОНИШГОҲИ ЛАКХНАУИ ҲИНДУСТОН — 6



НИШАСТИ МАТБУОТӢ — 11



ҲАМОИШИ ИЛМӢ-НАЗАРЯВӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН — 11

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*



# МАСЪАЛАҲОИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Бо дарки моҳияти ҳамин масъала, ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар сиёсати дохилию хориҷии худ қарор дода буданд. Зери ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат мо дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ шоҳиди он шудем, ки соҳаи маориф дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ сол ба сол рушд карда, вазъи соҳа дар қиёс ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бамаротиб афзудааст. Ин нуктаро худи Роҳбари давлат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ ҳам қайд намуданд. Аз рӯи нишондодҳои Паём дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Президенти мамлакат барои муқоиса қайд намуданд, ки «Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсею гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд. Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад». Зикри ин нукта ба маврид аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аксари бинои мактабҳое, ки аз замони Шуравӣ боқӣ монда буданд тахриб шуда, дар ҷои он ба таври пурра биноҳои аз ҷиҳати меъморӣ зебо ва ба замони муосир ҷавобгӯй сохта ба истифода дода шуданд. Яъне, ин маънои онро дорад, ки аз 4037 муассисае, ки ҳоло амал мекунанд 3670 адади он таи солҳои соҳибистиқлолӣ аз сифр сохта шудааст.

Доир ба теъдоди муассисаҳои олии касбӣ Сарвари кишвар чунин гуфтанд: «Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст». Аз ин маълум мешавад, ки дар 70 соли Шуравӣ агар 13 муассисаи олӣ ташкил ёфта бошад, пас дар замони 33 соли соҳибистиқлолӣ 35 муассисаи олӣ таъсис ёфтааст. Ба ғайр аз ин, айни замон дар кишвар 65 литсейи касбҳои техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 23500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12000 хонанда, инчунин 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо бо 106000 донишҷӯ фаъолият доранд.

Дар баробари ин, бо туфайли сиёсати дарҳои боз ва бо шарофати истиқлолу ваҳдати миллӣ ва талошҳои пайвастаи Пешвои миллат ҷавонони тоҷик имкон пайдо намуданд, ки дар дилхоҳ кишвари ҷаҳон аз рӯи ихтисосҳои мақбули дил рафта, таҳсил намоянд. Тавре дар Паём зикр шуд: «... дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд».

Албатта, ин дастоварди хело бузург ба шумор меравад. Шаҳрвандони огоҳи мо хуб дар ёд доранд, ки замоне буд, ки ҷавонони мо дар дохили мамлакат имкони пурраи таҳсилро надоштанд. Махсусан, ҷавондухтарон бинобар сабаби набудани ваҳдат ва сулҳу амният наметавонистанд, ҳатто дар муассисаи таълимии маҳали худ таҳсил кунанд. Аммо шароити имрӯза имкон медиҳад, ки масалан як ҷавондухтари тоҷик ба дилхоҳ муассисаи таълимии дохил ва ё хориҷи ҷумҳурӣ рафта таҳсил кунад ва соҳиби ихтисосу касби дилхоҳи хеш гардад.

**Дар Паём ҳамзамон Президенти мамлакат доир ба нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 5 соли оянда баҳри рушди соҳа изҳори назар намуда қайд намуданд, ки бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода шуд, ки дар панҷ соли оянда, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман барои бунёд кардани як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.**

Агар мо аз рӯи мантиқу хирад ва холисона рақамҳо, андешаҳо ва нақшаҳои дурнамои дар боло овардашударо муқоиса ва таҳлил кунем ба хулосаи мусбӣ расида, аҳамият ва зарурияти давлати миллӣ ва хидматҳои Пешвои миллат бароямон чун оина рӯшан мешавад.

Дар Паёми навбатӣ, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам ба яке аз масъалаҳои асоситарини соҳаи маориф – баланд бардоштани сифати таҳсилот ишора намуданд. Барои беҳдошти масъалаи мазкур ба масъулин супоришҳои дахлдор дода иҷрои саривақтӣ ва босифати онро ҷонибдорӣ намуданд.

Воқеан, бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи соҳа ва рушди илму технологияи ҷаҳони нав зарурият пеш омадааст, ки ба сифати таҳсилот беш аз пеш диққат намоем. Зеро маҳз сифати таълиму тарбия ҷавҳари асоси маорифро ташкил намуда, омили рушди давлат ва саодати зиндагии мардум мешавад. Аз он, ки Роҳбари давлат гуфтанд: «...сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад» маънои онро дорад, ки акнун замоне фаро расидааст, ки мо тафаккуру андешаи солими ҷомеаро таҳкиму тақвият бубахшем. Ҷомеае, ки бо ақлу иродаи воло лоақал тавонат барои худ зиндагии шоистаеро эҷод кунад. Барои расидан ба чунин мақсад албатта, маориф ва сифати таҳсилоти сайқалёфта нақши асосӣ гузошта метавонад. Агар ба сифати таҳсилот беэътиноӣ зоҳир шавад, маориф хароб шуда, миллат мубталои ҷаҳлу бесаводӣ мешавад, ки оқибатҳои маргборро ба бор меоварад. Доир ба ин масъала, дар Паём Пешвои миллат сароҳатан гуфтанд, ки «...сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад».

Зимни суханронии худ Пешвои миллат бахшида ба Рӯзи Дониш (1 сентябри соли 2024) ба ҳамин масъалаи мавриди назари мо таваҷҷуҳ намуда, чунин қайд намуда буданд: «Барои расидан ба ҳадафи беҳтар намудани сифати таҳсилот, дар навбати аввал, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи меъёрӣ, инчунин, таъминот бо имкониятҳои таълимиву методӣ, аз ҷумла таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ зарур аст».

Тавре ишора гардид, дар баробари дигар омилҳо дар самти баланд бардоштани сифати таълим нақши омӯзгор калидӣ ба шумор меравад. Дуруст аст, ки як соата дарси хуб мазмуни як китоби беҳтаринро медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзгори хуб ва донишманд дар бунёди ҷомеаи мутамаддин нақши асосӣ дорад. Аз он, ки Сарвари кишвар мегӯянд: «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад» ҳамин маъноро ифода мекунад.

**Бо назардошти ин, имрӯз моро зарур аст, ки пеш аз ҳама савияи дониши ихтисосии омӯзгоронро баланд бардошта, дар натиҷаи гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос дараҷаи қобилият ва малакаҳои касбии эшон тақвият ёбад. Омӯзгори муосир бояд дар баробари соҳиби дониши баланди соҳавӣ будан, инчунин бояд дорои қобилият ва малакаҳои баланди омӯзгорӣ бошад. Аз технологияи пешрафтаи соҳа низ огоҳ ва афкору андешаи миллию ватандӯстона дошта бошад. Маҳз чунин омӯзгор метавонад насли наврас ва ҷавононро аз паи худ бубарад. Агар омӯзгор дар ҷомеа бо чунин сифатҳо мавқеъ пайдо карда натавонист, пас мақоми кадом як руҳонии ифротӣ боло гирифта, хурофоту бегонапарастӣ ва беэҳтиромӣ нисбати арзишҳои миллӣ дар ҷомеа паҳн мешавад.**

Дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза, ки низоъҳои миллию қавмӣ ва динию мазҳабӣ боз ҳам омехта, қаламрави давлатҳои алоҳидаро ба майдонҳои набард табдил дода истодаанд, аҳамият ва ҷойгоҳи маорифи пешрафта боз ҳам бештар эҳсос мегардад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар рафти бозиҳои пасипардагии абарқудратҳо ва доираҳои алоҳидаи манфиатдор афроде чун бозичаи даст мавриди истифода қарор мегиранд, ки аз лиҳози дониш ва илм ноқис ҳастанд. Истифода аз боварҳои динӣ намуда, чунин қувваҳо мехоҳанд ҳадафҳои геополитикии хешро амалӣ созанд. Аммо мутаассифона, нафароне ҳастанд, махсусан аз ҳисоби ҷавонон ки аз сабаби нодонию ҷоҳилӣ фирефтаи гуфтаҳои онҳо шуда, амалҳоеро анҷом медиҳанд, ки шоистаи як инсони мусалмон нест.

Ҷои афсӯс аст, ки таи даҳсолаи охир бархе аз ҷавонони тоҷик низ ба чунин гурӯҳҳои тафритию экстремистӣ пайваст шуда, барои худ бадбахтиҳои зиёдеро чун армуғон мегиранд. Дар ин робита, танҳо ҳаминро такроран таъкид менамоем, ки ягона омили наҷоти чунин гумроҳон боз ҳам маорифи пешрафта мебошад.

Аз ин рӯ, тарбияи миллӣ ва рушди маорифи миллӣ миллатро аз ҳама бадбахтиҳо наҷот мебахшад. Тавре Сарвари кишвар гуфтанд: «...то вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд».

Роҳбари давлат зимни ироаи Паём ҳамзамон таъкид намуданд, ки дар баробари ин, ноороммиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем.

Ин таъкид мо маорифчиёнро водор ба он мекунад, ки боз ҳам барои пешрафти соҳа чораҷӯӣ намуда, нақша ва барномаҳои навро пиёда намоем.

Дар фарҷом бояд қайд намоям, ки тамоми ҳадафҳои дар назди давлат ва ҷомеа гузошташуда, маҳз ба туфайли рушди соҳаи маориф амалӣ шуда, самараи дилхоҳ медиҳад. Масалан, чор ҳадафи стратегии давлат, ки расидан ба онҳо Тоҷикистонро ба як давлати пешрафтаи ҷаҳон табдил медиҳад тақозо мекунад, ки дар соҳаҳои мухталиф бояд мутахассиси варзида ва кордон фаъолият кунад. Эълон шудани солҳои 2024-2026 “Солҳои рушди саноат”, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва билохира эълони солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” ва татбиқи босамари он низ аслан ба сифати таҳсилот ва рушди маориф алоқаманд аст. Яъне, масъулияти аҳли маориф беш аз ҳарвақта дида бештар шуда, рисолати бузурги созандагӣ, бунёдкорию рӯшангарӣ ва ояндаи дурахшони миллат ба дӯши онҳо мебошад.

## НАТИҶАГИРӢ

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР СОЛИ 2024

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки ректор Аҳлиддин Ибодуллозода, сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Ҳикматулло, муовинони ректор, сардорони раёсату шуъбаҳо, деканҳо, роҳбарони дигар сохторҳо ва ҳайати профессорону омӯзгорон ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ баргузор гардид.**



Сараввал ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода оид ба фаъолияти донишгоҳ дар соли 2024 ҳисобот дода, бо баёни чандин комёбиҳои назаррас дар самтҳои гуногуни фаъолияти ин даргоҳ дар соли сипаригардидаро барои донишгоҳ соли дастовардҳо, бунёдкориҳо ва таҳкиму густариши робитаҳои байналмилалӣ арзёбӣ намуданд.

Аз ҷумла, изҳори қаноатмандӣ карда шуд, ки теъдоди гирандагони стипендияи аъло аз 182 ба 407 нафар ва гурӯҳҳои академии таҳсилоташон бо забони русӣ аз 18 ба 31 гурӯҳ расида, бори нахуст 89 ихтисоси дар донишгоҳ амалкунанда аз ҷониби Ассотсиатсияи таҳсилоти олии Чини Созмони Ҳамкории Шанхай ва Маркази хизматрасонии Чин оид ба табодули байналмилалии илмии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ гузаронида шуд.

Гузашта аз ин, такид гардид, ки дар соли 2024 ифтитоҳ гардидани бинои нави таълимии 5 ошёна бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бинои нави 2 ошёна барои таҷрибаомӯзон дар боғи “Агробиолабораторӣ”-и донишгоҳ дар дараи Ромит бахри фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбия ва бедор намудани завқи илмомӯзии донишҷӯён нигаронида шудааст.

Сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Ҳикматулло зимни суханронии хеш аз дастгириву ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф ва илм



ибрози андеша намуда, нақши ин даргоҳро дар самти омода кардани мутахассисони баландихтисос, кадрҳои илмию педагогӣ ва иштирок дар амалисозии ҳадафҳои муҳими кишвар муассир баён намуданд.

Ҳамчунин дар ҷаласа вазифаҳо барои соли 2025 муайян гардида, масъулин ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, иқтидори илмии донишгоҳ, рушди ҳамкориҳо бо муассисаҳои илмии кишварҳои хориҷ, омода намудани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ ва дигар масъалаҳо мувазззаф гардиданд.

## СИФАТИ ТАЪЛИМ

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНҲО ВА ОМӮЗГОРОНЕ, КИ РИСОЛАҲОИ ИЛМИИ ХУДРО ДИФОЪ НАМУДАНД, ҚАДРДОНӢ ГАРДИДАНД

**Донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар соли 2024 дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ иштироки фаъолона намуда, аз ҷумла дар Озмуни ҷумҳуриявии “Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” соҳиби як ҷойи 1-ум, дар Озмуни ҷумҳуриявии “Ҷоми ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” як ҷойи 1-ум, дар Озмуни ҷумҳуриявии “Донандаи беҳтарини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” як ҷойи 3-юм, дар Озмуни ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат” як ҷойи 1-ум, як ҷойи 2-юм, се ҷойи 3-юм, дар Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” як ҷойи 1-ум ва як ҷойи 3-юм гардиданд.**

Ҳамчунин дар соли 2024 ҳамагӣ 40 нафар омӯзгори донишгоҳ рисолаҳои илмии худро дифоъ намуд, ки аз ин шумора 4 нафар рисолаи докторӣ, 27 нафар рисолаи номзадӣ ва 9 нафар дараҷаи доктор PhD буда, ин рақамҳо нисбати соли 2023 ҳашт нафар зиёд мебошад.



## КУМАК

# АЗ ҶОНИБИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ БА ДИДБОНГОҲИ САРҲАДИИ “БАҲОРАК”-И ҶАМОАТИ "САРИЧАШМА"-И НОҲИЯИ ШАМСИДДИНИ ШОҲИН КУМАКИ ҒИЗОӢ, МИЗУ КУРСИҲО ВА ЗИЁДА АЗ 250 АДАД КИТОБҲОИ БАДЕӢ БАРОИ ХОНИШ РАСОНИДА ШУДАНД.





# ТАБОДУЛИ ДОНИШҶӮЁН БО КОРЕЯ РУШД МЕЁБАД

7-уми январи соли ҷорӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо 5 нафар донишҷӯёне, ки тибқи барномаи табодули академӣ ба Донишгоҳи миллии Чонбуки Ҷумҳурии Корея сафарбар мешаванд, вохӯрӣ анҷом дода, ба онҳо барои таҳсили хуб ва муаррифии арзишҳои миллии кишварамон дастурҳо доданд.

Ёдовар мешавем, ки раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тасмим гирифтааст, ки корро дар самти табодули донишҷӯён тақвият бахшад ва донишҷӯёнро ба Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарбар намояд.

**АНДЕША**

# ДАСТОВАРДҲОИ РОҲСОЗОНИ ТОҶИК ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ (28 декабри соли 2024)

**Раҳои бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон табдил ёфт. Зеро он айём дар баробари мушкилоти зиёди сиёсӣ, набудани роҳҳои дурусти дохилӣ ва хориҷӣ низ дар самти идомаи мунокишаҳо, фалаҷ шудани иқтисодиёт, заиф гардидани робитаҳои дохилию хориҷӣ, зери таъсири идеологияи давлатҳои алоҳида мондаи сокинони бархе шаҳру ноҳияҳо ва ғайра, нақш мегузошт.**

Агарчӣ мардуми меҳнатдӯсти тоҷик дар замони Шуравӣ роҳҳои зиёде бунёд намуда бошанд ҳам, аммо аз сабаби минтақаи куҳистон будани Тоҷикистон на ҳама роҳҳои куҳӣ ба талаботи рӯз ҷавобгӯ буд. Гузушта аз ин, шароити куҳистон ва офатҳои табии ҳарсола дар вайрону нообод шудани роҳҳо таъсир мегузошт. Аз ин сабаб, дар фасли сармо баъзе роҳҳое, ки тавассути ағбаҳо сурат мегирифт корношоям шуда, марудм маҷбур мешуданд тариқи роҳҳои давлатҳои ҳамсоя сафари худро анҷом бидиҳанд. Масалан, барои сафар ба баъзе аз ноҳияҳои водии Рашт ва ВМКБ сокинон маҷбур буданд аз роҳҳои тариқи Қирғизистон ва ба вилояти Суғд бошад тариқи Ӯзбекистон ва ё Қирғизистон истифода намоянд. Дар замони Шуравӣ чун як ҳудуди маъмурӣ дар рафту омади шаҳрвандон маъмурон чандон мушкилот эҷод намекарданд. Аз ин сабаб, аҳволи роҳҳои мамлакат, махсусан роҳҳои куҳистон чун пештара боқӣ мемонд.

Ҷои афсӯс аст, ки дар Тоҷикистони тоза ба истиқлол расида вазъи соҳаи нақлиёт, ба хусус роҳҳои мошингард дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, хисороти зиёд дид. Вазъи соҳа аз ҳад зиёд ташвишовар буд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамин масъла дар китоби худ «Уфуқҳои истиқлол» таваҷҷуҳ намуда, аз ҷумла чунин менависанд: «То соли 1997 ҳамагӣ 42 % роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 20 % роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта мумфарш буданду халос, ки аз он 73 % дар ҳолати паст, 26 % дар ҳолати миёна ва танҳо 1 % дар ҳолати хуби техникӣ қарор доштанд».

Табиист, ки чунин ҳолат вазъи бе ин ҳам бӯҳронии мамлакатро боз ҳам печидатар намуд. Робита бо мамлакатҳои ҳамсояи дуру наздик, бо мушкилотҳои сохтаи баъзе давлатҳои манфиатдори замон, тавассути роҳҳои мошингарду оҳан рӯз то рӯз ғайри имкон мегардид. Молу маҳсулоте, ки бояд вориди ҷумҳурӣ мешуд дар натиҷаи роҳбандиҳои сохтаи давлатҳои алоҳида ҳафтаҳою моҳҳо дохили вагонҳою мошинҳо мемонд ва ҳатто кор ба ҷое мерасид, ки бархе аз молҳои озуқаворӣ муҳлати истифодаашон мегузашту ба партов табдил меёфтанд. Аз ин сабаб, фаъолияти соҳибкорону баъзе корхонаҳои давлатӣ муфлис мегардиданд. Дар рафту омади мусофирону муҳоҷирони корӣ низ чунин мушкилотҳои сунъӣ эҷод ба назар мерасид...

Ин падида ба вазъи дохилии Тоҷикистон ҳам таъсири манфии худро расонд. Тавре дар боло ишора намудем мамлакати мо, ки аслан кӯҳистон аст ба се қисмат: Бадахшон, Суғд ва марказу ҷануб, ҷудо шуда ҳамасола қариб то шаш моҳ гардиши маҳсулот ва рафтуомади одамон аз як минтақа ба минтақаи дигар қариб имкон надошт.

Халқи тоҷик аз қадимулайём мардуми ба нангу ор буд. Далели раднопазири ин дар он ифода мешавад, ки дар ҳама марҳилаҳои таърих, бо вуҷуди ҳуҷуму тахрибкориҳои душманони аҷнабӣ эшон аз худ дифоъ намуда, то ба имрӯз ҳастии худро нигоҳ доштанд. Дар ин миён садҳо қавму қабилаҳо несту нобуд шуда дар батни фарҳангҳои бегона ҳазм шуда рафтанд. Дар масълаи мавриди назари мо низ ин падида ба хубӣ эҳсос мешавад. Халқи тоҷик зери роҳбарии фарзанди баномуси миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки ин мушкилот, баромадан аз бунбасти коммуникатсиониро яке аз ҳадафҳои асосии мамлакат эълон намуданд ва таи солҳои соҳибистиқлолӣ барои расидан ба он корҳои бузургеро ба сомон расониданд.

Мушкилотҳои даҳсолаи аввали истиқлолият имкон надоданд, ки мо сари вақт ба бунёду таъмири роҳҳо бипарозем. Агарчӣ аз соли 1998 ин ҳадаф эълон шуда бошад, аммо корҳои созандагӣ аслан аз соли 2000 шуруъ гардид. Албатта, корҳо марҳила ба марҳила анҷом меёфтанд ва ин мушкилот даҳсолаи дуюм низ як андоза ба рушди иқтисодиёти мамлакат монеаҳо эҷод мекард. Тибқи маълумотҳои вазорати нақлиёт дар соли 2006 вазъи умумии ин роњњо дар ҳамон сол чунин баҳогузорї шудааст: 20% - дар њолати миёна; 48% - дар њолати бад ва 32% дар њолати ѓайриќаноатбахш.

Дар ин ҷо бояд як нуктаи муҳимро хонандаи азиз зери назар дошта бошад: Барои давлати ҷавоне, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ 10 млрд доллар зарар дидаасту 97% иқлимашро куҳистон ташкил мекунад сохтмони роҳи оҳану мошингузар оё кори саҳлу содда аст? Ба ҳеҷ ваҷҳ не! Дар ин самт мушкилотҳои сангинтарин вуҷуд дошт, ҳатто ҳолате мешуд, ки мутахасисон имконнопазир будани онро пешниҳод мекарданд, аммо Пешвои миллат аз рӯи нангу номус чунин пешниҳодотро инкор карда ташаббусро ба даст мегирифтанд. Ҳамон суханони маъмулии Роҳбари давлат, ки ҳангоми сохтмони нақби Анзоб дар миёни мардум гуфта буданд: «...агар имконият пайдо накардем бо нохунҳоямон ин нақбро месозем» нишонаи баланди мардонагӣ ва ватандӯстист.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани мушкилоти мавҷуда аз соли 2000 сар карда, стратегияи махсуси рушди комплекси нақлиётро ба роҳ монд, ки дар солҳои минбаъда самараи хуб ба бор овард. Бинобар навиштаи Пешвои миллат, дар ин давра бо 34 давлати хориҷӣ вобаста ба рушди соҳа созишномаҳои дуҷониба баста шуд. Инчунин, барои рушди равобити байналмилалии Тоҷикистон дар самти нақлиёти автомобилӣ 12 конвенсия ва созишномаи байналмилалӣ ба имзо расонида шуд, ки ба ҳамлу нақли байналмилалӣ мусоидат намуданд.

Роҳбари давлат дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олӣ (21 декабри соли 2021) дастовардҳои бист соли охири соҳаи нақлиётро ба риштаи таҳлил кашида, аз ҷумла иброз доштанд, ки «Барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар, инчунин, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ... сохта, ба истифода дода шуд».

То имрӯз дар мамлакат 220 корхонаи нақлиётӣ, 57 терминали мусофирбарӣ, 18 терминали боркашонӣ, 836 хатсайри мусофирбарӣ ва 41 ширкати нақлиёти байналмилалӣ фаъолият доранд.

Дар натиҷаи шоҳкориҳои зиёд дар соҳаи роҳу нақлиёт давлати мо соли 2017 ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ, яъне баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ноил шуда, Тоҷикистони сепорча ба як ҳудуди воҳид табдил ёфт. Ҳамзамон, тариқи долонҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар мамолики дуру наздики хориҷӣ пайвастани он таъмин гардид ва ҳама он мушкилоту тангдастиҳо ба саҳифаҳои таърих гузаштанд.

Бо вуҷуди ин, ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам такмилу таҷдиди роҳҳо ва баланд бардоштани сифати роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида мешавад.

Дар Паёми навбатии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (28 декабри соли 2024) боз ҳам вазъи соҳаи нақлиёт мавриди таҳлил қарор гирифта, дастовард ва нақшаҳои дурнамо баён гардиданд.

Аз рӯи нишондодҳои паёмҳои ҳарсолаи Роҳбари давлат ва ҳисоботҳои вазорати нақлиёт маълум мешавад, ки ҳар сол соҳа ба дастовардҳои зиёд комёб мешавад. Тибқи нишондоди Паёми имсола дар соли 2024 роҳсозони тоҷик ба муваффақиятҳои калон соҳиб шуданд. Ин нуктаро Пешвои миллат зимни ироаи Паём баён дошта, аз ҷумла чунин гуфтанд: «Соли 2024-ум дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Аз ҷумла роҳҳои мошингарди «Роғун – Обигарм – Нуробод» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ ба дарозии 76 километр ва «Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара» – 69 километр ба маблағи 800 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шуданд».

Инчунин, дар худи ҳамин сол таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингарди «Данғара – Гулистон», бо масофаи 50 километр ва роҳи байни «Гулистон – Фархор» ба дарозии 33 километр оғоз гардид.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон хизмату ҳимматбаландии соҳибкорону нафарони алоҳидаи хайрхоҳро барои бунёду таъмири роҳҳо як амали ватандӯстона номида қайд карданд, ки афроди алоҳида маблағҳои барои адои ҳаҷ ҷамъ кардаи худро масрафи таъмири роҳҳо карданд, ки бузургтарин кори савоб мебошад. Тибқи нишондоди Паём, танҳо дар соли 2024-ум аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ва мардуми Тоҷикистон ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ зиёда аз 2 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ таъмиру таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 23 пул ба анҷом расидааст.

Ба назари мо мебоист чунин корҳои хайру савобро боз ҳам бештар тариқи ВАО ва мулоқоту вохӯриҳо бо мардум, ташвиқу тарғиб намуд. Амали хайри соҳибкорону ашхоси хайрхоҳро вақто дар миёни ҷомеа



**Маҳмудов Давлатшоҳ - мудири бахши таҳлил ва робита бо ҷомеаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

тарғиб намуда, амали ватандӯстона номида мешавад ин ба руҳия ҷомеа бетаъсир буда наметавонад ва ба ин васила хайрхоҳу ватандӯстони дигар низ пайдо шуданаш аз имкон дур нест. Зеро мардум имрӯз дар қиёс ба солҳои гузашта, хушбахтона сатҳи зиндагии хубтарро соҳиб шудаанд. Дар ин раванд мебоист нафароне, ки маблағҳои худро барои адои такрории ҳаҷу умра ва дигар хароҷотҳои беҳудаи хусусияти намоишӣ дошта ҷамъ кардаанд ба чунин корҳои савоб агар сарф намоянд аз ҳар ҷиҳат манфиатнок мебошад.

Роҳбари давлат сари ҳамин масъла бисёр муфассал дар мулоқоти хеш бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (марти соли 2024) ибрози назар намуда буданд. Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар ин самт, аммо ҳанӯз ҳам аз ҷониби бархе аз масъулин, хусусан баъзе аз раисони шаҳру ноҳия ва ҷамоату шаҳрак хунукназарӣ ба мушоҳида мерасад. Бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ бо иштироки аҳли зиё (донишмандоне, ки сухани ҳақро ба мардум расонида метавонанд) ва руҳониён дар миёни ҷомеа дуруст ба роҳ монда нашудааст. Дар ин ҷода эҳсос мешавад, ки ҳанӯз ҳам ингуна роҳбарон зоҳирпарсатӣ намуда, мулоқоту вохӯриҳои сарсарӣ ташкил мекунанд...

Имрӯзҳо дар назди давлат ва ҳукумати Тоҷикистон боз ҳам нақшаҳои мукаммали роҳсозӣ истодааст. Махсусан, амали намудани чунин нақшаҳоро дар соли 2025 Президенти мамлакат дар Паём ба таври зер иброз доштанд: «Соли 2025 дар ҳудуди вилояти Суғд бунёду барқарорсозии 52 километр роҳҳои мошингарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта ва дар мавзеи Барсеми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4,5 километр роҳ, 550 метр долонҳои зидди тарма, пул бо дарозии 82 метр аз болои дарёи Шорф ва пул аз болои дарёи Ғунд бо дарозии 200 метр ба анҷом расонида мешавад».

Хулоса, дар замони соҳибистиқлолӣ дар самти роҳсозию роҳкушоӣ Тоҷикистон ба муваффақиятҳои беназир соҳиб шуда сифат ва зебогии роҳҳои Тоҷикистон борҳо аз тарафи ниҳодҳои дахлдори минтақавию ҷаҳонӣ баҳои баланд гирифтааст. Масалан, соли 2023 шоҳроҳи Бадахшон (Помир) ё роҳи мошингарди Хоруғ – Ош на танҳо ба даҳгонаи зеботарин роҳҳои ҷаҳон дохил шуд, балки пас аз Фаронса ва ИМА дар ҷойи сеюм қарор гирифт. Соли 2019 бошад тибқи баҳогузории Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ бо назардошти сифати роҳҳо Тоҷикистон дар зинаи 50 қарор гирифт.

ҶАЛАСА

# БА СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ТАВАҶҶУҲИ АВВАЛИНДАРАҶА ДОДА ШАВАД

**Рӯзхи 13 январи соли 2025 ректори Донишгоҳ бо иштироки муовинон, садорати факултетҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо ва роҳбарони дигар сохторҳо ҷаласаи корӣ баргузор намуда, зимни он масъалаҳои назорати давомоти донишҷӯёни риштаи таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона, дар доираи созишномаҳо ба роҳ мондани табодули донишҷӯён, тақвият бахшидани фаъолияти маҳфилҳо дар сатҳи факултетҳо, нақшаҳои таълимӣ, ҷадвалҳои дарсӣ ва иҷроиши барномаҳои давлатиро мавриди баррасӣ қарор дод.**

Дар идомаи ҷаласа ректори донишгоҳ масъулинро вазифадор намуданд, ки барои беҳтар намудани раванди таълим, тарбия ва сифати донишомӯзӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.



РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО БО ШУРОИ БРИТАНИЯИ КАБИР ҶИҲАТИ РУШДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

**13-уми январи соли ҷорӣ Аҳлиддин Ибодуллозода ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ бо мудири намояндагии Шурои Британияи Кабир ва роҳбари бахши кишварҳои Осиёи Марказӣ хонум Дениз Уоддингем, директори Донишкадаи Норвичи таълими забонҳо (NILE) ва намояндагони Сафоратхонаи Британияи Кабир дар Тоҷикистон мулоқот анҷом дод.**

Зимни вохӯрӣ, ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкориҳои судманд ибрози назар намуда, нақшаи дурнамои ҳамкориҳои донишгоҳу Шурои Британияи Кабир ва сохторҳои онро баррасӣ намуданд.



Шурои Британияи Кабир ба омӯзиши забону фарҳанги англис дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса дошта, ният дорад дар ояндаи наздик самтҳои табодули академии донишҷӯёну устодонро ҷоннок намуда, ба ин васила саҳми худро дар рушди илм гузорад.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро ҷоннок намуда, дар ояндаи наздик дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишкадаи Норвичи таълими забонҳо (NILE)-и Британияи Кабир ёддошти тафоҳум ба имзо расонанд.

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# МАГИСТРИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЗМУНИ ШАҲРИИ "БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КИТОБҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ" САЗОВОРИ ҶОЙИ 1-УМ ГАРДИД




**Рӯзи 10.01.2025 бо иштироки муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони озмуни шаҳрии “Беҳтарин донандаи китобҳои Пешвои миллат” баргузор гардид.**

Боиси ифтихор аст, ки дар ин озмун магистри соли якуми факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ниёзов Дилшод сазовори ҷойи якум гардида, бо диплом ва мукофти пулӣ қадрдонӣ карда шуд.

Инчунин донишҷӯёни ин даргоҳ Неъматзода Шаҳбоз ва Қаюмов Мавлавӣ соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ шуда, бо сипоснома қадр карда шуданд.

Мақсад аз баргузор намудани озмуни шаҳрии «Беҳтарин донандаи китобҳои Пешвои миллат» — ин пеш аз ҳама арҷ гузоштан ба Истиқлоли давлатӣ, сулҳ ва ризоияти миллӣ, мактаби давлатдорӣ, ваҳдатофаринӣ, инсондӯстӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

# БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ “ИФРОТГАРОЙ, ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ХАТАРИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ”

**Имрӯз дар факултети математика ва информатика бо иштироки дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳанги Донишгоҳ Бердиев Шоҳназар, декани факултет, муовинони декан ва ҳайати устодону кормандон дар мавзуи "Ифротгароӣ, терроризм ва экстремизм хатари ҷомеаи ҷаҳонӣ" мизи мудаввар баргузор гардид.**



Зимни он Бердиев Шоҳназар доир ба омилҳои сар задани амалҳои террористиву экстремистӣ ва роҳҳои пешгирии он ибрози назар намуда, бо мисолҳои мушаххас падидаҳои номатлуби гуруҳҳои ифротиро шарҳу тавзеҳ дода, онро маҳкум кард.

Хусусан таърид намуданд, ки ҷавононро бояд дар руҳияи инсондӯстию ватандӯстӣ тарбия намуд, зиракии сиёсатии онҳоро бедор намоем ва дар мубориза бар зидди ин падидаи хатирнок пеш аз ҳама аҳли зиё ва рушанфикрони ҷомеа пешсаф бошанд.

ҲАМКОРӢ

## ИМЗОИ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ БО ДОНИШГОҲИ ЛАКҲНАУИ ҲИНДУСТОН

**Рӯзи 16-уми январи соли ҷорӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо ректори Донишгоҳи Лакҳнауи Ҷумҳурии Ҳиндустон Алок Кумар Рай вохӯрӣ анҷом дод.**



Зимни вохӯрӣ, ректори донишгоҳ муҳимияти ба роҳ мондани ҳамкориҳоро бо ин донишгоҳи Ҷумҳурии Ҳиндустон иброз намуда, зикр доштанд, ки дар самтҳои илмҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ, технологияи инноватсионӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамкориҳоро ба роҳ мондан муҳимтарин самтҳои фаъолият хоҳад гардид.

Дар навбати худ ректори Донишгоҳи Лакҳнау аз нуфузи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар кишвари хеш иброз андеша намуда, омодагии қавии хешро барои созмон додани ҳамкориҳои мутақобилан судманд баён намуд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба фаъолияти самараноки тарафайн ибрози андеша намуда, омодагиҳои хешро оид ба ҳамкории мутақобилан судманд баён намуданд.

Ҳамзамон ҷиҳати ба роҳ мондани робитаҳо миёни донишгоҳҳо ва густариши он аз ҷониби ректорон созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

ВОХӮРӢ

## БО ДОКТОРАНТОН АЗ РӮИ ИХТИСОС (PhD) ВОХӮРИИ СУДМАНД БАРГУЗОР ГАРДИД

**Дар асоси дастуру супоришҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба омода кардани кадрҳои илмӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, баҳри саривақт ва дар сатҳи баланд тайёр намудани корҳои илмӣ ба фаъолияти илмии онҳо диққати махсус зоҳир менамояд.**



Дар ин замина, бо иштироки Айнулозода Наҳтулло – муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, Абдуҷалилзода Фарзона – сардори раёсати илм ва инноватсия, Ахиева Саодат – сардори шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ, Шоқурбонова Муаттара – сармутахассиси шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ бо докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-и донишгоҳ ва роҳбарони илмии онҳо вохӯрии судманд баргузор гардид.

Зимни он дар кадом сатҳ қарор доштани вазъи корҳои илмии докторантон мавриди баррасӣ дода шуда, баҳри саривақт омода намудани онҳо тавсияҳои муфид ироа гардиданд.

Ҳамзамон ба нафароне, ки ин зинаро хатм карда, то имрӯз ҳимоя накардаанд то охири соли 2025 ва аввали соли 2026 муҳлат дода шуд.

Дар вохӯрӣ таъкид гардид, ки докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) вазифадор ҳастанд, то рисолаи илмии худро саривақт дифоъ намоянд.

## БОЗДИДИ НАМОЯНДАГОНИ ДОНИШГОҲИ ЛАКҲНАУИ ҲИНДУСТОН АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ

**Рӯзи 16.01.2025 ҳайати намояндагони Донишгоҳи Лакҳнау таҳти роҳбарии ректор Алок Кумар Рай дар доираи ташрифи хеш ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз Осорхонаи таърихии ин даргоҳ дидан намуданд.**



Меҳмононро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва дигар шахсони масъул пешвоз гирифта, ба онҳо аз ҷониби роҳбалад сайри осорхонавӣ баргузор карда шуд.

Ба меҳмонон таърихи кӯҳану фарҳанги пурғановати тоҷикон ва дастовардҳои донишгоҳ дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шуда, ба ин восита онҳо оид ба саҳми назарраси ин даргоҳ дар самти омода намудани мутахассисон, фаъолият ва рушди он шинос гардиданд.

## РӮЙДОДИ ИЛМӢ: ЧОРУМИН МАҶАЛЛАИ ДОНИШГОҲ НАШРИЯИ ТАҚРИЗШАВАНДА ГАРДИД

Дар интиҳои соли сипаришуда бахши илмҳои филологӣ ва таърихи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» (ISSN 2219-5408) ҳамчун маҷаллаи илмии тақризшаванда ба қайд гирифта шуд. Дар маҷалла нашри маводи илмӣ аз рӯи самти илмҳои 07.00.00 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 10.01.00 – адабиётшиносӣ ва 10.02.00 – забоншиносӣ иҷозат дода шудааст.

Бо пазируфта шудани маҷаллаи мазкур ба феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи кишвар шумораи нашриёҳои донишгоҳ, ки дар давоми соли 2024 ҳамчун маҷаллаи илмии тақризшаванда эътироф гардиданд, ба 4 адад расид.

Ёдовар мешавем, ки қаблан се бахши дигари «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» - бахши илмҳои биология, химия, география,




бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ ва бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ низ бо фармоишҳои дахлдори раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшаванда пазируфта шуда буданд.

Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки бахши илмҳои филологӣ ва таърихи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» айни замон аз рӯи ду шифри гурӯҳи тахассусҳои илмии адабиётшиносӣ шомили феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи КОА назди Вазорати маориф ва илми Русия мебошад.

Ҳайати эҷодии идораи маҷалла ва аъзои таҳририяи он бо дастгириву раҳнамоии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода минбаъд низ барои баланд бардоштани сатҳу сифат ва муҳтавои маҷаллаҳои илмӣ саъю талош варзида, бо истифода аз таҷрибаи нашриёҳои бонуфуз кӯшиш менамоянд, ки ҷиҳати ворид намудани бахшҳои маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ба махзанҳои байналмилалии рефератӣ ва низомҳои иқтибосовари дар ин замина сабт кардани онҳо дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР чораҷӯӣ намоянд.

## ҲАРАКАТИ ҶУМҲУРИЯВИИ НИҲОЛШИНОНӢ: ДАР БОҒИ “АГРОБИОЛАБОРАТОРӢ”-И ДОНИШГОҲ ЗИЁДА АЗ 800 БЕХ НИҲОЛИ МЕВАДИҲАНДА ШИНОНИДА ШУД

**Дар доираи Ҳаракати ҷумҳуриявии ниҳолшинонӣ, ки аз моҳи январ то моҳи марти соли равон дар Тоҷикистон идома мекунад, дар Боғи “Агробиолабораторӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ воқеъ дар дараи “Ромит” зиёда аз 800 бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда, аз қабили навъҳои гуногуни себ, нок, шафтолу, зардолу, гелос, хурмо ва амсоли инҳо шинонида шуд, ки аксарияти онҳо ниҳолҳои ду ва сесола мебошанд.**



Дарахтони мазкур аз ҷониби раёсати донишгоҳ дар партави дастуру супоришҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати кабудизоркунӣ ва сарбаз намудани кишвар бо истифода аз рӯзҳои мусоид ва дар доираи ин ҳаракати ҷумҳуриявӣ шинонида шуданд.

# ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАРИ КУРУШИ КАБИР – МЕРОСИ ПУРИФТИХОРИ НИЁГОН

## (Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, 28.12.2024)

**Зимни ироаи Паёми навбатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар масъалаҳои муҳими кишвар ба соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳи хосса намуда, аз ҳамкории Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ёдовар шуд. Дар ин замина ба вазорату идораҳои марбута супориш доданд, ки вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир маводи зарурӣ омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.**

Ин чораандешӣ идомаи сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳифзи арзишҳои миллӣ, эҳёи мероси ниёгон ва чеҳраҳои мондагори ин миллату сарзамин мебошад.

Миллати тоҷик таърихи қадимаву ибратомӯз дошта, аз азал бо арзишҳои инсондӯстона, муносибати хайрхоҳона, мероси илмӣ ва фарҳангии хеш шуҳрат ёфтааст ва бисёр анъанаву суннатҳои неки онҳо ба хазинаи маънавии умумибашарӣ ворид шудаанд. Аз чунин мероси гаронарзиши ниёгони тоҷикон, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақши нодир дорад нахустин эъломия доир ба ҳуқуқҳои фитрии инсон дар таърихи башар Силиндр, Устувона, Маншур ё худ Эъломияи Куруши Кабир мебошад. Чунки асоси ҷомеае, ки имрӯз дар Ғарб ва Шарқ мехоҳанд онро бунёд намоянд ва он ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстона номида мешавад, ин Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир мебошад.

Дар ин замина, ҳоло унсурҳои демократия аз қабили адлу инсоф, мардумсолорӣ, ҳимояи ҳуқуқи башар ва идораи одилонаи ҷомеа аз масъалаҳои муҳими ҳалталаби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравнд, ки ҳамаи онҳо аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир сарчашма мегиранд.

Албатта, имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки илми ҳуқуқшиносии Ғарб қонунҳои асосӣ ва дигар қонунҳои давлатҳои худро сарчашмаи аввалини ба вуҷуд омадан ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморанд. Лекин таърих гувоҳ аст, ки миллати мо дар ин масъала нақши муассир дорад. Доир ба ин, зикри Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки 2550 сол пеш қабул гардидааст, басанда мебошад. Зеро, ин ҳуҷҷат дар таърихи башар нахустин бор ҳуқуқ ба озодии виҷдон, ҳаракат ва дахлнопазирии манзилро эътирофу татбиқ намудааст.

Гузашта аз ин, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки то ба имрӯз аслу ҷавҳари хешро аз даст надодааст, далели раднашавандаи фалсафаи таҳаммулпазирии ниёкони тоҷикон ва аз ҷониби онҳо эътироф гардидани иттиҳоду якдилӣ миёни халқҳо, миллатҳо, динҳо ва ҳатто мазҳабҳо мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Куруши Кабир асосгузори Империяи Ҳахоманишиҳо буда, халкҳои гуногуни 3 қитъаи олам: Осиё, Африқо ва Аврупоро аз Миср, Руминия, Болгария то Шимолу Шарқии Ҳиндустон муттаҳид намудааст. Дар асоси маълумоти падари таърих – Ҳеродот, дар империяи таъсисдодаи Куруш намояндагони зиёда аз 50 забон ва 70 халқиятҳои гуногун зиндагӣ мекарданд. Маҳз дар даврai Ҳахоманишиҳо институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳамчунин анъанаҳои фарҳангӣ ба вуҷуд омаданд. Аз ин даврони пурифтихор то ба имрӯз мероси зиёди гаронарзиш ба мерос мондааст.

Дар ин радиф, яке аз хусусиятҳои муҳими осори ниёгон ин аст, ки онҳо аз мо бештар умр мебинанд. Бо ин омил, онҳо метавонанд ҳаёти гуногун дошта бошанду дар ҳар як даврү замон боз маъноҳои мухталиф пайдо намоянд. Пас, имкон дорад бо мурури замон маълумот дар бораи онҳо ғанитар шавад. Дар ин замина Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир яке аз осори ғайриоддӣ мебошад. Зеро он соли 538 пеш аз мелод бо фармони Куруши II, ки баъдтар унвони Кабир гирифт, бо забони бобулӣ ва хати мехӣ дар лавҳи аз гил омодашуда, навишта шудааст. Устувона тақрибан 145 сол муқаддам, яъне соли 1879 аз ҷониби экспедитсияи Осорхонаи Бритониё аз Бобул, Ироқи муосир бозёфт шуда, имрӯз маҳз дар ҳамин осорхонаи бузурги ҷаҳон нигаҳдорӣ мешавад.

Аммо барои дарк намудани Устувонаи Куруши Кабир, мо бояд аз ҷаҳоне огоҳ бошем, ки ин осор аз он замон боқӣ мондааст. Ҷаҳоне, ки тақрибан 2550 сол муқаддам дар он Форс баъди зери итоати худ қарор додани империяи бузурги Бобул ҳукмрон буд. Яъне, ҳанӯз дар он даврон эъломияи таърихии Куруш низоми одилона, инсонпарварона ва дунявии давлатдориро пуштибонӣ мекард.

Сатрҳои ибтидоии Эъломия фазилатҳои Куруш ва сабабҳои забти Бобулро васф мекунанд. Аммо сатрҳои аз 30 то 35 Курушро ҳамчун як пешвои бузург дар маънои либералии муосир муаррифӣ мекунанд. Яке аз аввалин амалҳои Куруш пас аз зери итоати худ қарор додан – озод кардани онҳое буд, ки ба асорати бобулиён афтода буданд. Ин нишонаи шакли ҳукмронии ӯ буд ва маҳз ҳамин ҳодиса дар силиндр сабт шудааст. Ҳамин тавр, ин як лаҳзаи калидӣ дар таърихи халқи яҳудӣ буд. Онҳо солҳои зиёд дар назди дарёҳои Бобул ашк рехта буданд ва баъди ин ҳодиса ба онҳо иҷозат дода шуд, ки ба Байтулмуқаддас баргарданд ва маъбади худро барқарор кунанд. Бозгашт ба Байтулмуқаддас пас аз асирӣ дар Бобул, иҷозати Куруш барои аз нав сохтани маъбад дини яҳудиро дигар кард. Бояд ёддовар шуд, ки мафҳуми бозгашт дар ҳаёт ва устурашиносии яҳудиён ҷои марказиро ишғол мекунад. Ҳанӯз Давид Бен-Гурион навишта буд: "Куруш нисбат ба рақибони худ рӯҳияи хайрхоҳона ва нисбат ба ҳама динҳо таҳаммулпазирии беҳамто зоҳир мекард. Вай дар бозгашти аввалин ба Сион нақши ҳалкунанда бозид".

Ҳарчанд империяи Куруш дар ниҳоят пароканда шуд, аммо ғояи худи Куруш боқӣ монда, ҳамчун ҳокими намунавӣ ном гирифтааст. Сарчашмаи асосии ин нуктаи назар оид ба Куруш аз муаррихи юнонӣ Ксенофонт омадааст. Дар китоби ӯ «Киропедия» (Курушнома) воқеан дар бораи чӣ гуна идора кардани империя, ки Куруш ҳамчун намуна буд, сабт шудааст. Он дар тӯли Эҳё ё худ Ренессанс ва махсусан дар байни падарони асосгузори Амрико хеле машҳур буд. Тавре аз сарчашмаҳо маълум аст сеюмин Президенти ИМА Томас Ҷефферсон 2 ё эҳтимолан 3 нусхаи «Киропедия»-и Ксенофонтро дошт ва аз он мунтазам истинод мекард. Аз ин рӯ, байни Эъломияи Куруши Кабир ва сохти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико робитаи мустақим вуҷуд дорад.

Аз ҷумла, Конститутсияи ИМА:

1. Ғуломиро дар қаламрави тахти салоҳияти ин кишвар манъ мекунад.

2. Озодии динро кафолат медиҳад.

3. Инчунин муқаррароте дорад, ки ба озодӣ ва ҷои зисти шаҳрвандон дахл дорад. Яъне, онҳо метавонанд дар ҳама ҷои ИМА зиндагӣ кунанд.

Ин бандҳо ҳанӯз дар Эъломияи Куруши Кабир дарҷ шуда буданд:

1. Яке аз аввалин амалҳои Куруш – ин озод кардани яҳудиён буд, ки ба асорати бобулиён афтода буданд.

2. Ба яҳудиён иҷозат дода шуд, ки ба Байтулмуқаддас – макони мувофиқ ба хоҳиши дили худашон баргарданд.

3. Бо иҷозати Куруш маъбадҳои яҳудиён азнав барқарор гардида, онҳо аз дини худашон озодона пайравӣ намуданд.

Аз ин бандҳои зикршуда, чунин бар меояд, ки ниёгони тоҷикон ҳанӯз 2550 сол муқаддам меъёрҳоеро асос гузоштаанд, ки баъдан дар аввалин Конститутсияи ҷаҳон истифода шудаанд.

Боиси ифтихор аст, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки аз 39 модда иборат аст, нахустин эъломияи ҳуқуқи башар дар ҷаҳон эътироф гардидааст ва нусхааш дар дохили бинои Созмони Милали Муттаҳид ҷой дода шудааст. Ҷолиби диққат аст, ки дар 44 мавриди 30 моддаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар андешаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар шакл ва мазмуни муосир ба чашм мерасанд. Гузашта аз ин, дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир тақрибан 50 фикру андешаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстона мунъакис шудааст.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир моро водор месозад, то дар бораи лаҳзае фикр кунем, ки як форс яҳудиёнро озод кард ва ба онҳо имкон дод, то ба Байтулмуқаддас баргарданд, маъбадҳои худро бозсозӣ ва аз оини худ пайравӣ намоянд. Ин худ гувоҳи равшани тамоми принсипҳои демократияи замони муосир мебошад, ки тадбиқи он 2550 сол муқаддам мушоҳида мегардад.

Вақте ки соли 2010 силиндри Куруш барои намоиш ба Теҳрон ирсол карда шуд, тақрибан ним миллион нафар мусулмонон, насрониён, зардуштиён, яҳудиён ва намояндагони дигар адён онро дидан намуданд ва он меҳвари як баҳси хосе гардид.

Боз кадом ҳодисаҳое ҳастанд, ки имрӯз ва ояндаи ин миллатро шакл хоҳанд дод ва чӣ гуна онҳо ба ояндаи тамоми минтақа ва умуман ҷаҳон таъсир хоҳанд кард. Ман фикр мекунам, ки дар ин баҳсҳои шадид, шояд яке аз овозҳои боварибахш ва тавонотарин садои ин силиндри гилини шикасташуда бошад.

Аз ҷониби созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО ба таври сазовор ҷашн гардидани 2550-солагии ин санади боадолати таърихӣ ҳамчун нахустин эъломия доир ба ҳуқуқҳои фитрии инсон дар таърихи башар як амри сариватӣ ва хайр мебошад. Зеро Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ифодагари он аст, ки тоҷикон дорои фарҳанги волои инсондӯстӣ буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақши муассир доранд.

Ин иқдоми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар паёми имсола садо дод, идомаи ташаббусҳои созанда ва тадбирҳои саривақтӣ баҳри омӯзиши амиқи саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик, аз қабили корнамоиҳо ва мероси фарзандони баруманд ва дар сатҳи шоиста ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани онҳо мебошад.

Ҳамчунин дар сатҳи ЮНЕСКО таҷлил намудани 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир заминаи баланд гардидани ҳисси ватандӯстиву хештаншиносӣ ва ифтихор аз ин хоку Ватан миёни наврасону ҷавонон ва дигар қишрҳои ҷомеа мегардад.



Кенҷазод Фаридун – омӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*

## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҷаласа баргузор гардид, ки дар кори он ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода, муовинони ректор, роҳбарон ва кормандони сохторҳои донишгоҳ, мудирони кафедраҳо, деканҳо ва муовинони онҳо иштирок намуданд.**

# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСА ДАР РОБИТА БА ТАЪИНОТИ КАДРӢ ДАР ДОНИШГОҲ



Дар ҷаласа нахуст фармони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми январи соли 2025 дар бораи муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин намудани Раҷабзода Сироҷиддин қироат карда шуд.

Зимни муаррифӣ ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода доир ба омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ, баланд бардоштани сатҳи илм, сифати таълиму тарбия, боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти кафедраҳо ва дигар масъалаҳои муҳими муассиса андешаронӣ намуда, бахри рафъи камбудиву мушкилотҳои ҷойдошта масъулинро мувоззаф намуданд.

Дар ин замина, ба фаъолияти чандсолаи Сангинзод Дониёр ба ҳайси муовини ректор оид ба корҳои илмии донишгоҳ баҳои мусбат дода шуда, ба фаъолияти минбаъдаи муовини ректори навтаъини ин самти нахустмактаби олии кишвар Раҷабзода Сироҷиддин барору муваффақият таманно карда шуд.





## ТАЪЛИМИ БОСИФАТ

# ҶАЛАСАИ ҚИСМИ ИЛМ: ФАЪОЛИЯТ ДАР ИН САМТ БОЗ ҲАМ ҶОННОК КАРДА ШАВАД

**Ҳафтаи якуми моҳи декабр дар шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин конференсияи байналмилалӣ оид ба рушди таълими босифати забони чинӣ дар Осиёи Марказӣ баргузор гардидт.**

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи қисми илм баргузор гардид. Зимни он муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин дар якҷоягӣ бо роҳбарону кормандони қисми илм вазъи фаъолияти муассисаро дар ин самт мавриди таҳлил қарор доданд.

Дар ин замина, ба масъулин ҷиҳати бартараф кардани камбудиву норасоиҳо ва боз ҳам беҳтар гардонидани ин самти фаъолияти донишгоҳ аз ҷумла ба раёсати илм ва инноватсия – барои ҷоннок намудани маҳфилҳои донишҷӯён, омӯзгорон ва профессорон; бештар намудани шумораи мақолаҳо дар Scopus ва Web of Science; омода намудани донишҷӯён ба озмуну олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ба шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ – бахри муайян намудани сабабҳои то ҳол ҳимоя накардани омӯзгорони, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд ва назорати ҷиддии раванди таҳсили магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD), ба китобхонаи донишгоҳ – ҷиҳати боз ҳам зиёд намудани шумораи китобҳои электронӣ, махсусан дар самти илмҳои дақиқ бо забонҳои русӣ ва англисӣ, ба маркази табъу нашр – оид ба лоиҳаҳои илмӣ-фармоишӣ ва ба нашрияи Паёми донишгоҳ – ҷиҳати ба рӯйхати мақолаҳои тақризшавандаи КОА ворид намудани бахши математика, физика ва иқтисодиёт, ба шуроҳои диссертатсионӣ – бахри ташкил намудани шуроҳои муштарак дастуру супоришҳо дода шуд.

## КОНФЕРЕНСИЯ

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР МАВЗУИ «ПРОБЛЕМАҲОИ МУОСИРИ ИЛМҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ»

**Рӯзи 24-уми январи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) дар мавзуи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ-риёзӣ» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ баргузор гардид.**

Дар кори конференсия муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Илолов М., д.и.п., профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав



Сатторов А., н.и.п., дотсенти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлонназаров С.С., инчунин д.и.п., профессор, мудири кафедраи ТИК-и факултети математика ва информатика Назаров А.П., н.и.ф.м, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳо Чориев У., декани факултети математика ва информатика, н.и.ф.м., дотсент Зеваршозода У.Н. ва дигарон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар конференсия баромадкунандагон дар мавзуъҳои "Дробное стохастическое уравнение теплопроводности гиперболического типа", "Робитаи байнифаннӣ дар таълими геометрияи аналитикӣ", "Нақши методи Пулот дар рақамикунони таҳсилот ва арзёбии объективонаи дониш", "Технологияи рақамӣ дар ҷаҳони муосир: таҷрибаи ҷаҳон ва Тоҷикистон", "Применение интегральных уравнений для оценки сумм произведений мультипликативных и аддитивных функций" ва амсоли инҳо маърӯзаҳо намуданд.

Зикр шуд, ки «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон шудани солҳои 2020-2040 аз ҷониби Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми хуб ва некбинона буда, дар ин замина барои рушди ин фанҳо аҳамияти хоса зоҳир гардида истодааст. Ва омӯхтану истифода бурда тавонистани илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ боиси рушди тафаккури мантиқии инсоният, устувор шудани ҳиссиёти ақлонию эҷодӣ, пайдо шудани қобилияти омӯзиш, васеъ шудани ҷаҳонбинии илмӣ, тараққиёти саноат, истеҳсолот, рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирӣ мегардад.

Дар охир миёни баромадкунандагон, олимон, мутахассисон ва иштирокчиёни конференсия дар мавзуи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ-риёзӣ» муҳокима ва табодули афкор сурат гирифт.

## ТАБОДУЛИ АКАДЕМӢ

# ДОНИШҶӮЁН БА ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН САФАРБАР ГАРДИДАНД



Бо дастуру супоришҳои ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар пайравӣ аз ҳидоятҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз моҳи январи соли 2025 дар асоси созишномаҳои ҳамкории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маълумоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, созишномаи ҳамкорӣ миёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ 4 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои гуногун барои табодули академӣ ба донишгоҳи бонуфузи Ҷумҳурии Ўзбекистон сафарбар мешаванд.

Рӯзи 25-уми январи соли 2025 Қурбонзода Рухшона муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ бо донишҷӯёне, ки барои табодули академӣ фиристода мешаванд, вохӯрӣ баргузор намуда, оид ба таҳсили онҳо дар кишвари хориҷа суҳбат анҷом дод.

Ба донишҷӯён қоидаҳои будубош, тартибу интизом, одоби намунавӣ, хониши хубу аъло ва бахусус маърифии шоистаи фарҳанги кишвар таъкид карда шуд.

Бояд зикр кард, ки шуруъ аз моҳи январи соли 2025 донишҷӯёни донишгоҳ барои таҳсил тибқи барномаҳои табодули академии донишҷӯён ба Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон сафарбар мегарданд.

## РАВОБИТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# ГУРУҲИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДОИРАИ ТАБОДУЛ ВОРИДИ ДДОУ БА НОМИ НИЗОМӢ (УЗБЕКИСТОН) ГАРДИДАНД



**Ин аввалин гуруҳи донишҷӯён аст, ки барои табодул ба Ҷумҳурии Узбекистон (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ўзбекистон ба номи Низомӣ) сафарбар гардиданд.**

Маврид ба зикр аст, ки барои таҳсил тибқи барномаҳои табодули академии донишҷӯён корҳо ҷоннок ба роҳ монда шудааст ва рӯзҳои наздик донишҷӯёни донишгоҳ ба кишварҳои Кореяи Ҷанубӣ, Беларусия, Қазоқистон ва Ўзбекистон сафарбар карда мешаванд.

# БРИТАНИЯИ КАБИР: ИШТИРОКИ НАМОЯНДАИ ДОНИШГОҲ ДАР СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ

**Дар Донишкадаи таълими забонҳои Норвичи Шоҳигарии Британияи Кабир семинари омӯзишии забони англисӣ баргузор гардида истодааст, ки дар он намояндаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иштирок дорад.**



Дар семинар таъкид гардид, ки дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар барқарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд.

Албатта қабул гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” моро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ аз тамоми имкониятҳо истифода барем.

Дар ин росто, раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тасмим гирифтааст, ки давра ба давра омӯзгорону кормандони донишгоҳро ба хориҷи кишвар барои омӯзиши забони англисӣ ва такмили ихтисос сафарбар намояд.

# САФАРБАРНАМОИИ МАГИСТРАНТОН ВА ДОКТОРАНТОН (PhD) БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ

**Рӯзи 31.01.2025 дар толори бинои асосии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷиҳати сафарбар намудани магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ба таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ ва педагогӣ ҷаласаи васеъ барагузор гардид.**



Дар кори он муовини ректор оид ба корҳои илмии донишгоҳ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, сардори шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ Ахиева Саодат, мудирони кафедраҳо, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа масъалаи иштироки фаъолонаи магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) дар таҷрибаомӯзии тадқиқотӣ ва педагогӣ, инчунин назорати ҷиддии ин раванд аз ҷониби масъулин баррасӣ гардид.

Ҳамчунин масъалаҳои марбут ба нақшаҳои фардӣ, навиштани мақолаҳо ва дар сатҳи зарурӣ навиштани корҳои имлӣ низ муҳокима гардиданд.

Таъкид карда шуд, ки ҷомеаи имрӯзаи кишвар ба мутахассисони илмӣ ва сатҳи баланд ниёз дорад. Аз ин рӯ, шумо (магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD))-ро мебояд дар раванди таҳсил серталаб бошед, аз болои худ бештар кор кунед, то баъди хатм тавонед ба рушди илму маорифи кишвар саҳми муносиб гузоред.

**ТАҲЛИЛ**

# ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶИ КИШВАР ЯКЕ АЗ САМТҲОИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

**(бардошт аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз санаи 28 декабри соли 2024)**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи дурахшони фардои давлату миллатро дар сарчашмаи ягона ва волои низоми давлатдорӣ ва қонунгузории кишвар "Конститутсия" муайян намудаанд, ки яке аз принсипҳои асосии онро "сиёсати дарҳои кушода" ташкил медиҳад. Дар ин замина, ба вуҷуд омадани ҳамкориҳои дӯстона ва ҳусни тафоҳум дар бахшҳои мухталиф, махсусан, илму маориф бо кишварҳои Ҷаҳон аз тақвияти сиёсати байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад.**

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат мушкилот, вазъ ва дурнамои ин соҳаи муҳими кишвар низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Воқеан ҳам, дар сиёсати Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати маорифпарварона мавқеи махсусро ишғол намудааст ва Роҳбари Олӣ бори дигар изҳор намуданд, ки: "... ман аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаи илму маориф эътибори доимӣ ва авалиндараҷа медиҳам". Воқеан ҳам аз ин сиёсати хирадмандона, раиятпарварона ва дурандешонаи Пешвои миллат кулли мардуми кишварамон амалан огоҳ мебошанд ва возеҳан ҳам дарк месозанд, ки ҳамаи ин тадбирҳо ба хотири рушди давлату миллат ва ҳамгироии он бо ҷомеаи ҷаҳони зери фазои рушди босуръати илму техника дар истеҳсолот мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ташаккули тамоми бахшҳои давлату ҷомеа ба неруи зеҳнии инсонӣ алоқаманди доранд ва парварандаи ин неруӣ мактабу маориф мебошад. Дар баробари дар 48 муассисаи олии кишвар омода гардидани мутахассисони касбӣ, боз дар хориҷи кишвар ба таҳсил пардохтани ҷавонон, зери таваҷҷуҳи доимии Роҳбари олии кишвар қарор дорад ва ин нукта низ дар Паёми Пешвои миллат чунин изҳор кардид, ки "Дар солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакатро барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд".

Имрӯз, ки яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ "Саноатикунонии босуръати кишвар" арзёбӣ гардидааст, давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амали гардонидани он, нақша ва барномаҳои зиёдеро ба тасвиб расонидаанд. Чуноне ки дар Паёми имсола Пешвои миллат зикр намуданд: "Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст".

Аммо, зикр гардид, ки барои пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба якчанд самти муҳим диққати аввалиндараҷа дод, ки яке аз онҳо "рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ" дарбар мегирифт.

Ҳамзамон, бахри вусъати равандҳои инноватсия ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод гардид, ки солҳои 2025-2030 – "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон карда шавад.

Барои вусъати ин ҳадафҳои муҳими пешгирифтаи кишвар, сохтору идораҳои дахлдор мувazzаф гардиданд, ки дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешанд. Дар баробари ин, дар муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ аз рӯйи ин ихтисосҳо омоданамудани кадрҳои баландихтисос, боз ба таҳсил ва бозомӯзӣ ба муассисаҳои пешқадами хориҷӣ фиристодани ҷавононро таъкид намуданд.

Таҳсил фиристодани ҷавононии боистеъдоди кишвар ба донишгоҳҳои бонуфузи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, махсусан, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ҳануз аз ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳҳои сиёсати маорифпарваронаву дурандешонаи Пешвои муаззами миллат қарор гирифта буд, ки имрӯз имкониятҳои зиёдеро дар ин самт фароҳам овардаанд.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, махсусан, дар самти илму маорифро аз рӯи ду ҳуҷҷати муҳими стратегӣ амалӣ гардида истодаанд:

1. Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки соли 2004 ба имзо расида ва моҳи январи соли 2010 ба қувваи амал даромадааст, ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистон ва кишварҳои ин Иттиҳодро танзим менамояд;



Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич – доктори фалсафа (PhD) – аз рӯи ихтисоси таърихи ватанӣ, и.в. дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик

2. Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ, ки соли 2019 қабул гардид, равобити кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро танзим менамояд.

Аммо, яке аз бахшҳои асосии ҳарду барномаи стратегии Иттиҳоди Аврупо нисбат ба кишвари мо ҳамкориҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва технологияи таълимӣ мебошад. Маҳз дар ин ҷода, барномаҳои зиёди ин Иттиҳод – Темпус, Эразмус Мундус ва Эразмус+ ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал ва дастрасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки қарор оид ба ифтитоҳи барномаи ТЕМПУС 7 (ТЕМПУС - Нақшаи фароаврупоии ҳамкорӣ дар самти маълумоти олӣ) майи соли 1990 аз ҷониби Шурои ИА қабул гардида, мақсади он расонидани ёрӣ ба ҷумҳуриҳои ИҶШС дар низоми маълумоти олӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии донишҷӯёну устодон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, замонавӣ гардонидани зерсохторҳои таълимӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт.

Маҳз ҳамкориҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар самти илму маориф дар доираи ин барномаҳои дар боло зикргардидаи Иттиҳоди Аврупо, ки ҳамкориҳои тарафҳоро дар соҳаҳои илму маориф ба танзим медароранду барои ба ҳам овардани донишгоҳҳои Тоҷикистону Аврупо ва амалисозии барномаҳои таҳсиливу табодули донишҷӯён мусоидат мекунанд, сурат мегирад.

Яке аз барномаҳои дигари фаъоли Иттиҳоди Аврупо барномаи Эразмус+ (Erasmus+) мебошад, ки оид ба дастгирии маориф, омӯзиш, ҷавонон, варзиш дар Аврупо ва дар саросари ҷаҳон мебошад.

Ин барнома аз соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол гардида, нисбати он ҷавонон, донишҷӯён таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир менамоянд. Маҳз тавассути нақшаҳои ин барнома аз 2015 то 2020 17 лоиҳаи донишгоҳҳо амалӣ карда шуд, 278 нафар кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои Тоҷикистон аз сафарҳои кӯтоҳмуддат баҳра бурдаанд ва 26 ҷавони тоҷики дар зинаи магистратураи донишгоҳҳои бонуфузи ин Иттиҳод таҳсилкунанда бо стипендия пурра сарфароз гардидаанд.

Ҳамзамон, ҳамасола тавассути ин барнома зиёда аз 200 нафар ҷавонони тоҷик бурсияҳои донишгоҳҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоро соҳиб мегардаанду имкони таҳсил дар дилхоҳ донишгоҳи давлатҳои аъзои ин Иттиҳодро ба даст меоранд.

Чуноне ки дар Паёми Пешвои миллат ироа гардид: "Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии Ҷаҳон таҳсили илм доранд", ки ҳамаи ин зери сиёсати маорифпарварона ва дурандешонаи андешидашудаи Пешвои миллат, фароҳам оварда шудааст.

Аз ин лиҳоз, ҷавонон, устодону олимон ва дигар кормандҳои соҳаи маорифу ниҳодҳои кишварро зарур аст, ки аз ин тадбирҳои Пешвои муаззами миллат дар сиёсати хориҷӣ - бахри омоданамоии кадрҳо ва табодули таҷриба самаранок истифода барему бахри рушду нумуи соҳаҳои мухталиф ваояндаи дурахшони Ватанамон хизмат намоем. Зеро, чуноне ки Пешвои миллат дар Паём қайд намуданд: "Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисиро хуб медонистагӣ, рӯз ба рӯз меафзояд".

Ҳамин тавр, Паёми имсолаи Пешвои миллат, ки ба вазъ ва дурнамои рушди Тоҷикистон ироа гардид, ташаккули давлату ҷомеаро аз устувории мактабу маориф унвон намуда, омода намудани кадрҳои баландихтисоси дорои неруи зеҳниро дар дохил ва хориҷи кишвар, яке аз роҳҳои таъмин намудани рушди сармояи инсонӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои муҳими пешгирифтаи давлату ҳукумати кишвар шуморида, тавсияҳои мушаххасро баён сохтанд. Мо кормандони соҳаи илму маориф андешаҳои воқеан ҳам созандаву нерӯбахшанда ва дурандешонаи Пешвои муаззами миллатро сидқан ҷонибдорӣ намуда, бахри дар амал тадбиқ намудани онҳо бо тамоми қобилият ва неруи зеҳнӣ фаъолият менамоем.

## ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ

# НИШАСТИ МАТБУОТӢ



**28 январи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҷамъбасти фаъолият дар соли 2024 нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Зимни он ректор Аҳлиддин Ибодуллозода аз натиҷаи фаъолияти донишгоҳ дар соли 2024 ба 64 намояндаи воситаҳои ахбори омма иттилоъ манзур намуд.

Қайд шуд, ки соли 2024 барои донишгоҳ соли дастовардҳо ва комёбиҳо буд, зеро дар ин сол бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимӣ иборат аз 5 ошёна ва дар боғи "Агролабораторӣ" бинои 2 ошёна мавриди ифтитоҳ қарор дода шуданд. Албатта, ифтитоҳи биноҳои мазкур бахри фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили донишҷӯёну муҳаққиқон, беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода кардани мутахассисон нигаронида шудаанд.

Дар соли ҳисоботӣ 1926 нафар донишҷӯёни шуъбаи рӯзона бо стипендияи муқаррарӣ таъмин гардидаанд, ки 407 нафарашон стипендияи аъло мебошад. Яъне, теъдоди гирандагони стипендияи аъло афзуда, аз 182 ба 407 нафар расид, ки 125 нафар зиёд мебошад.

Дар соли 2024 теъдоди гурӯҳҳои академии таҳсилашон пурра бо забони русӣ (ба истисноп факултети забон ва адабиёти рус) ба 31 гурӯҳ дар шуъбаи рӯзона ва 4 гурӯҳ дар шуъбаи ғоибона расонида шудааст. Яъне, дар соли ҳисоботӣ теъдоди гурӯҳҳои академии таҳсилашон бо забони русӣ аз 18 гурӯҳ ба 31 гурӯҳи академӣ оварда расонида шуд, ки 13 гуруҳ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ бори нахуст донишгоҳ аз ҷониби Ассотсиатсияи таҳсилоти олии Чини Созмони ҳамкории Шанхай ва Маркази хизматрасонии Чин оид ба табодули байналмилалии илмии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ (Institutional accreditation) гузаронида шуд.

Инчунин, аз ҷониби Муассисаи "London School of Digital Business" Донишгоҳ барои саҳми арзанда дар самти илм ва маориф, фидокорӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ ва эътирофи дастовардҳо ба "Ҷоизаи беҳтарин донишгоҳи навовар ва пешрафтаи соли 2023-и Муассисаи Лондон оид ба тиҷорати рақамӣ (LREA 2023)" сазовор дониста шуд.

Донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳристи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷойи аввалро ишғол намуд. Ин арзёбӣ аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар робита ба таваҷҷӯҳи довталабони чинӣ ба донишгоҳ ба инобат гирифта шудааст.

Дар соли сипаригашта 155 адад дастурҳои таълимию методӣ, 85 китобҳои дарсӣ оид ба фанҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи Донишгоҳ ва 40 монография ба табъ расидааст.

Соли дуюм аст, ки дар назди донишгоҳ Литсей дар равияи табиӣ-риёзӣ фаъолият менамояд ва таълим дар он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст. Соли равон қабули хонандагон барои синфҳои ибтидоӣ (1-4) ба роҳ монда шуда, айни ҳол дар литсей 551 нафар хонанда дар 28 гурӯҳ ба таҳсил фаро гирифта шудааст.

Сипас аз ҷониби намояндагони васоити ахбори омма вобаста ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти донишгоҳ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда гардонида шуданд.



## ҲАМОИШ

# ҲАМОИШИ ИЛМӢ-НАЗАРЯВӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши илмӣ-назарявӣ баргузор гардид.**



Дар ҳамоиш аҳли раёсат, доираи васеи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон, докторантон, унвонҷӯён ва донишҷӯёни донишгоҳ, инчунин намояндагон аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи И. Сомонӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муовини ректор оид ба корҳои илмии донишгоҳ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром зимни суханронии хеш баён намуданд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар ҳамаи паёмҳои хеш ба соҳаи илму маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, зеро онро самти афзалиятнок эълон намуда, омили муҳимтарини таҳкими давлатдорӣ ва наҷоти миллат номидааст.

Воқеан маориф ба ҳайси яке аз ниҳодҳои муҳимтарини иҷтимоӣ таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд овардааст. Зеро, роҳи наҷот аз бӯҳронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ, ки метавонад таъсири манфии хешро ба бор оваранд, маҳз аз низоми мукаммал ва фарогири маориф ва илм вобастагӣ дорад.

Дар идомаи ҳамоиш Силмон Мавлоназаров – сарходими илмӣ, профессори пажуҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Истифодаи технологияи рақамӣ дар ҷаҳони муосир», Аминов Файзалӣ – номзади илмҳои фарсафа, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи "Таъиноти бошараф ва мақоми муҳтарами инсон дар Паём", Қурбонзода Убайдулло – Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ "Паём – ронамои мо ба сӯйи зиндагии шоиста", Ғаффорзода Ҷонона Ғаффор – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва идора дар мавзуи "Ҷойгоҳи занон дар Паёми Пешвои миллат" маърӯзаҳои пурмӯҳтаво намуданд.

Зикр шуд, ки дар Паёми имсолаи Сарвари кишвар чун Паёмҳои қаблӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, нақшаҳо барои имсол ва чанд соли пеш тарҳрезӣ шуданд.

НУҚТАИ НАЗАР

# РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**(Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, 28 декабри соли 2024)**

**Иқтисоди рақамӣ ва рушди он имрӯз дар ҷаҳон давраи наверо фаро мегирад, ки ба инкишофи техникаю технология ва интернет алоқаманд мебошад. Яке аз моделҳои нави иқтисодӣ ин иқтисоди рақамӣ ба шумор рафта, барои ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодию молиявӣ аҳамияти калон дорад.**

Дар шароити кунунӣ гузаштани тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ба иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ саривақтӣ буда, пешгирикунандаи омилҳои коррупсионӣ мебошад. Давоми чанд соли охир рушд бахшидани иқтисоди рақамӣ ба яке аз ҳадафҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта моро водор месозад, ки бо рушди технологияи рақамӣ ва инноватсия тавонем дар беҳбудбахшии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ саҳм гузорем.

Ҳамин аст, ки дар Паёми навбатии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (28 декабри соли 2024) ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид намуданд, ки бояд дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

1. Такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ;
2. То шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот;
3. Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ;
4. Рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ;
5. Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ;
6. Андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот;
7. Ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Инчунин, пешниҳод гардид, ки дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба ин, пешниҳод намуданд, ки дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад.

Бо мақсади расидан ба чунин ҳадафҳои созанда ва ба ин васила рушд бахшидан ба иқтисоди миллӣ пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҷиҳати амалигардонии самтҳои дар Паёми имсола пешниҳодгардида ва рушди рақамикунонӣ моро зарур аст, ки аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ намоем. Зеро, ташкили технологияҳои рақамии ватанӣ имкониятҳои нави рушди иқтисодиётро фароҳам оварда, боиси пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар мегардад.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми мазкур ҷиҳати ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои рақамӣ қайд намуданд, ки “….муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад”.

Ин аст, ки имрӯзҳо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолияти байналмилалии густурдаро пеш гирифта, айни замон бо зиёда аз 122 муассисаҳои илмӣ ва таълимии давлатҳои хориҷии дуру наздик шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

Дар давоми соли 2024 донишгоҳ шартномаи дутарафаи ҳамкориро бо 16 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар дар самти барномаи табодули омӯзгорону донишҷӯён, таҳияи барномаи таълимӣ, гузаронидани тадқиқотҳои муштараки илмӣ, курсҳои такмили ихтисос, мубодилаи олимон, аспирантон, донишҷӯёну магистрон, таҳияи маводҳо ва лоиҳаҳои илмӣ, ба курси забономӯзӣ равон кардани донишҷӯён ва омӯзгорон ба имзо расонид, ки ин аз қабили донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Молдова мебошанд.

Рақамикунонии иқтисодиёт бо автоматикунонии амалиётҳои иқтисодӣ-молиявӣ ва истеҳсолот алоқамандии зич дошта, тавассути барномасозиҳои компютерӣ ва расонаҳои интернетӣ амалӣ карда шуда, имкон медиҳад, ки арзиши аслии молу маҳсулотҳо паст ва мониторингҳои арзёбии сатҳ ва сифати онҳо гузаронида шаванд. Инчунин, самаранокии онҳо таъмин ва таҳлилу муқоисаҳои саривақтӣ амалӣ карда шуда, хулосаю пешниҳодҳо бароварда шаванд.



Ҳамидов Бобоҷон Абдуаҳадович – н.и.ф., сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия

Такя ба донишҳои нав ва аз худ кардани технологияи муосир, рушд додани хизматрасонии интернетӣ барои рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сифати аҳолӣ заминаи устувор мегузорад.

Вобаста ба пешрафти инноватсия бояд қайд кард, ки мафҳуми “инноватсия” (аз калимаи англисии “innovation”) навоварии дар амал татбиқгардидаест, ки афзоиши сифату рушди самаранокии истеҳсолот ё маҳсулоти бозорталабро таъмин мекунад. Он натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳниву ақлонии инсон, самараи тахайюлу эҷод ва бозёфту кашфиёти ӯ мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон вобаста ба рушди инноватсия ба ҷавонони кишвар такя намуда, қайд намуданд, ки “….ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои рушди илму инноватсия ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд мегузоранд”.

Ин аст, ки донишҷӯёни донишгоҳ ҳамасола дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ аз ҷумла, озмуни ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат” фаъолона иштирок намуда, бо пешниҳоди ихтирооти худ сазовори ҷойҳои намоён мегарданд. Масалан, дар соли 2024 Соҳибназарзода Шамсиддин - донишҷӯи курси 3-юми факултети технология бо пешниҳоди ихтирооти худ бо номи “Мошинаи аэроамбифия” дар даври ҷумҳуриявии озмуни “Илм – фурӯғи маърифат” сазовори ҷойи сеюм гардид.

Рушди инноватсия имрӯз аз ҳар як нафар, бахусус, аз омӯзгорони мактабҳои оливу таҳсилоти умумӣ тақозо мекунад, ки донандаи хуби касбу соҳаи худ бошанд ва аз технологияҳои инноватсионӣ самаранок истифода бурда, шогирдонро бо сохту таркиб ва истифодаи ин технологияҳо ошно созанду дар ихтироъкориву навоварӣ ба онҳо дасти кӯмак дароз намоянд.

ҲАДАФИ СТРАТЕГӢ

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ТАҚОЗОИ ЗАМОН

## (дар ҳошияи Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**Паёми имсолаи Роҳбари давлат дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар дар бинои нави мақоми олии қонунгузории мамлакат – Маҷлиси Олӣ баргузор гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар ибрози андеша намуданд. Президенти кишвар изҳор намуданд, ки бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз» мунтазам чораҷӯйӣ карда истодаанд. Дар ин ҷода моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем, зеро мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд, - зикр намуданд Пешвои миллат.**



**Абдуҷалилзода Фарзона – сардори раёсати илм ва инноватсия**

Ҳамкориҳои густурда бо кишварҳои хориҷи дур ва наздик имкон фароҳам овард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти амиқи сиёсӣ ва иқтисодиро татбиқ намуда, муҳимтарин масъалаҳои марҳилаи гузаришро ҳал менамояд. Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон робита ва ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия ва Чин дар сарҳати авлавият қарор дорад. Ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарб низ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон самти муҳим буда, барои таъмини манфиатҳои миллии кишвар нақши ҷиддӣ мебозад. Дар ин самт бо Иттиҳоди Аврупо, Амрико, Чин, кишварҳои Шарқ таҷриба ва анъанаҳои устувори ҳамкориҳо ҳосил шуда, барои ҳалли муваффақонаи як силсила масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ равона шудаанд.

Бо шарофати Истиқлолияти кишвар бунёди хатҳои интиқоли барқи ҳавоии 220 - 500 кВ-и "Ҷануб - Шимол", "Айнӣ - Панҷакент", "Лолазор - Хатлон" "Қайроққум - Ашт" ба истифода дода шуд. Инчунин дар доираи барномаҳои гуногун Тоҷикистон бо кумаки ташкилоти байналмилалӣ ва кишварҳои шарик лоиҳаҳои гуногуни инфрасохториро амалӣ кардааст. Масалан, лоиҳаи "CASA-1000", ки бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ шуда, барои интиқоли неруи барқ аз Тоҷикистон ба Афғонистон ва Покистон равона шудааст. Ин лоиҳа на танҳо ба бехтар намудани таъминоти нерӯи барқ дар минтақа, балки ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон низ мусоидат мекунад.

Дар зарфи 33 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон неругоҳҳои Сангтуда 1 (670 МВт), Сангтуда 2 (220 МВт), Маркази гармию барқии Душанбе-2 (400 МВт), агрегати 1 –ум ва 2 -юми НБО Роғун, НБО Помир – 1 (28 МВт) ва зиёда аз 250 адад НБО хурд, дастгоҳҳои офтобиро ба истифода дода, зиёда аз 1500 МВт тавонои навро ба истифодабарандагон ирсол намудаанд.

Сохтмони хати баландшиддати (ХБ) ХБ-500 кВ «Ҷануб - Шимол», дарозиаш 263 км, хати баландшиддат аз зеристгоҳи «Регар-500» ба зеристгоҳи нав сохташудаи «Душанбе - 500» (бо шиддатҳои 500/220 кВ, масофаи 49,9 км) (Л-517) ворид мешавад ва баъд бо хати номгӯи танзимаш Л-518 бо дарозии 213 км ба зеристгоҳи нави «Суғд – 500» пайваст шудааст. Ин неругоҳҳо дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ сохта шуда барои беҳтар намудани таъминоти неруи барқ дар кишвар нақши муҳим бозиданд.

Дар давраи истиқлол Тоҷикистон як қатор барномаҳои миллӣ барои рушди соҳаи энергетикаро қабул намудааст. Ин барномаҳо баҳри беҳтар намудани инфрасохтори энергетикӣ, кам кардани талафоти неруи барқ ва беҳтар намудани хизматрасониҳо ба аҳолӣ равона шудаанд. Яке аз чунин барномаҳо "Барномаи рушди соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030" мебошад. Ҳадафи барномаҳо ин аст, ки Тоҷикистон бояд ба кишвари содиротдкунандаи неруи барқ табдил ёбад.

Соли 2025 бо таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар дар неругоҳи «Қайроқум» иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд гардида, ба 174 мегаватт мерасад. Инчунин, як агрегати дигар дар неругоҳи «Норак» таҷдид шуда, иқтидори он 40 мегаватт зиёд мегардад ва сохтмони неругоҳи «Себзор» бо тавонои 11 мегаватт ба анҷом расонида мешавад. Яъне иқтидорҳои мавҷудаи энергетикии мамлакат дар соли 2025 танҳо аз ин ҳисоб 180 мегаватт зиёд мегарданд, - иброз намуданд Сарвари давлат.

Соҳибистиқлолӣ барои сохтмони НБО «Роғун» иқдоми тақконбахш гардид. «Роғун» аз ҷиҳати иқтисодӣ, минтақавӣ ва глобалӣ замина барои кишвари истеҳсолкунанадаи энергияи бузург имкон пайдо намуд. Ин НБО- и азими минтақавӣ натанҳо барои миллати тоҷик нуру зиё, баракату фаровонӣ ва ҳамбастагӣ ато менамояд, балки барои минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол зарурияти беандоза бузурги сохтмонҳои азиму гаронқимати соҳаи энергетикаро пурра дарк намуда, бо иродаю матонати хос, ба тамоми фишорҳои бисёрҷониба нигоҳ накарда, тавонист дар арсаи байналхалқӣ барои давом додани сохтмони неругоҳи Роғун ҷонибдорӣ ёбад, то ки он бо нишондодҳои пешбинишуда бо сарбанди бузургтарини баландиаш 335 метр, иқтидори 3600 МВт ва истеҳсоли солонаи энергия 13,4 миллиард кВт•соат сохта шавад. Ғайр аз ин захира намудани оби дарёи Вахш дар обанбори Роғун ва Норак боиси боэътимод шудани таъминоти обёрии заминҳои кишвар ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя хоҳад шуд.

Аз нақбҳои сохтмонию нақлиётӣ, толори мошинҳо, толори трансформаторҳо, шахтаҳои ҳавокашӣ, сарбанди неругоҳ, ядрои сарбанд ва обанбори НБО дидан намуда дарк кардем, ки дар ҳақиқат миллати тоҷик ободкору созандааст. НБО-и Роғун бо тарҳҳои мувофиқ ба замони муосир сохта шуда, агрегатҳои бузурги Нур дар умқи кӯҳҳои осмонбӯс қарор доранд.

Сохтмони ин иншооти азими гидроэнергетикӣ ҳанӯз солҳои 80-уми асри XX оғоз гардида буд. Бояд қайд кард, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ яке аз мушкилоти асосӣ барои кишвари мо норасоии неруи барқ гардид. Тибқи маълумотҳо лоиҳаи сохтмони НБО Роғун аз ҷиҳати техникӣ, экологӣ, иқтисодӣ мувофиқ ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии бехатарӣ эътироф карда шуд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти энергетикӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ҳалли худро меёбад. Сохтмони иншооти бузурги аҳаммияти стратегӣ – НБО-и Роғун дар рушди иқтисодиёти кишварамон нақши муҳим мебозад. Бунёди НБО-и Роғун барои Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа хеле муҳим ва дорои аҳамияти бузург аст. Фаъолият ва заҳматҳои шабонарӯзӣ барои ҳар фарди ватандӯст – коргарон, мутахассисону муҳандисон мояи ифтихору шараф дар сарнавишти рушди миллату давлат ба шумор меравад.

Фардои дурахшони мо тоҷикон аз бунёди Роғун вобаста аст, зеро обанбори НБО Роғун манбаи азими захираи оби тоза гардида, Тоҷикистон истеҳсолкунандаи энергияи бузург дар минтақа ва ба зинаи нави тараққиёт ноил хоҳад гардид.

Аз моҳи майи соли 2027-ум аз ҳисоби истеҳсоли неруи барқ дар «Роғун» ва силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш норасоии неруи барқ дар кишвар пурра бартараф ва Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад.

*Бо ҷаҳл бубаста дасту фарёд кунем,*
*Мушкил пайи мушкилот эҷод кунем.*

ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ҶАВОНОН АЗ ШОМИЛШАВӢ БА ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

**Дар замони мо, ки пур аз таззод, мушкилот, ихтилофу зиддиятҳост, доир ба афзудан ва густариши экстремизм, фундаментализм, терроризм ва дигар зуҳуроту падидаҳои номатлубу хатарафзо зиёд ҳарф мезананд ва менависанд. Маънои аслии «экстремизм» чист ва он чӣ гуна падида аст? Экстремизм – (аз калимаи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus») гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгарой, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштан аст.**

Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон - дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 чунин таъкид шудааст: «Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст ва ба он иснод меорад».

Албатта, дуруст аст, ки имрӯзҳо ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳое ҳастанд, ки кӯшиш менамоянд, мақсаду маром, ғояву андеша, афкор ва нақшаҳои худро бо ҳар роҳу васила ва ҳатто, бо амалҳои тундравона амалӣ созанд. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон экстремизм бештар аз ҳама дар соҳаи дин дучор меояд ва ин падида дар тамоми гӯшаву канори сайёраи мо ба амал меояд.

Сабабу решаҳои он дар чист ва омилу ангезаҳои он кадомҳоянд? Ба ин савол ҷавоби дақиқ мушаххас додан душвор аст. Ба ҳар ҳол баъзе сабабҳо, решаҳо, омилҳо ва ангезаҳои асосӣ ва умумии онро номбар кардан мумкин аст:

Аввалан, афзудан ва густариши ҳисси адами итминон ба фардо (ҳисси маъюсӣ, ноборварӣ, парешонӣ аз зиндагӣ). Файласуфи машҳури англис Антони Гидденс навишта буд, ки «мо акнун дар асри (замони) хатару таваккал (риск) зиндагӣ дорем».

Дуюм, ҷараёни бошиддати ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) олами моро тағйир медиҳад, тамаддун, фарҳанг, анъана, урфу одат, дину мазҳаб ва суннатҳои анъанавиро заиф месозад ва ҳатто, тамоман аз байн мебарад. Натиҷаи он на ҳама вақт мусбату дилхоҳ аст ва ин падида эҳсоси нотавонӣ, заифӣ, маъюсӣ ва дар бисёр маврид танаффур (нафрат), эътироз ва муқобилиятро ба миён меорад. Ин омил метавонад, боиси бегонагӣ ва ҷудоӣ аз раванди ягонагӣ, ҳамкорӣ, ҳамзистӣ, таҳаммулпазирӣ гардад.

Сеюм, омиле, ки бештар дар ҷаҳони ислом, дар байни мусулмонон роиҷ аст - ин эҳсоси беадолатӣ нисбат ба ислом ва пайравони он аст.

Дар иртибот ба ин бояд қайд намуд, ки терроризм ва экстремизми динӣ дар солҳои 90-уми асри XX, баъди бо роҳи зӯрӣ тасарруф намудани навад дарсади қаламрави Афғонистон аз ҷониби гурӯҳи «Толибон» ба кишварҳои мисли Русия, Осиёи Марказӣ ва Чин низ таъсири худро расонд. Барои пешгирӣ ва мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб сарони ин кишварҳо тасмим гирифтанд созмони минтақавие таъсис диҳанд, ки ҳадафи аслии он таъмини амнияти минтақавӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизми динӣ бошад. Чунин ташкилот бо номи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) 15 июни соли 2001 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсис шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷудонашаванда ва тарғибкунандаи сулҳу субот чи дар ховари миёна ва чи дар арсаи ҷаҳонӣ ҳанӯз аз соли 1999 ҷиҳати муборизаи фарогир бар зидди терроризм ва экстремизм як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» имзо гузошт. 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» ба тасвиб расид. Қабули ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти фароҳеро дар таҳкими мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овард. Аз соли 1997 дар Тоҷикистон 14 гурӯҳи муташаккили террористӣ аз ҷониби ниҳодҳои қудратӣ маҳв гардида, фаъолияти 12 ҳаракат, ҳизб ва гурӯҳҳои экстремистии ифротиву тундгаро дар қаламрави ҷумҳурӣ манъ гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми конвенсияҳои зиддитеррористиро, ки дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории Шанхай қабул гардида буданд, мавриди таъйид ва тасдиқ қарор дод. Инчунин Тоҷикистон, ки аз байни кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай дар ҷабҳаи аввали мубориза бо терроризм ва экстремизми динӣ қарор дорад, дар асл амнияти тамоми кишварҳои узви ин созмонҳоро таъмин намуда, дар роҳи пешгирии тавсеаи терроризм ва экстремизми динӣ ба қаламрави онҳо ҳамчун сипар истодааст.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло қайд кардан бо маврид аст, ки барои пешгирии воридшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ҳизбу ҳаракатҳои ситезаҷӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми зеринро марҳала



Саидзода Низомиддин – декани факултети психологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

ба марҳала мавриди иҷро қарор дода истодааст:

- Роҳандозии курсҳои кӯтоҳмуҳлати ройгон барои ҷавонони бекор доир ба таърих, дин, таҳҳамулпазирии диниву дунявӣ, ваҳдати миллӣ;
- Тавсеаи зерсохтор дар маҳалҳо, бахусус, бунёди мактаб, клуб, китобхона, марказҳои фарҳангӣ, иншооти гуногуни варзишӣ;
- Дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- Тарҳрезии механизмҳо ва корбарии амалии қонунҳои мавҷуда;
- Омӯзиши фанни «Таърихи ислом» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- Дар алоҳидагӣ тарбия кардани мутахассисон доир ба мубориза бо тундравӣ ва ифротгароӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби донишҷӯёни соли 3 ва 4-и факултети ҳуқуқшиносӣ ва роҳандозии курсҳои махсуси 6-12 -моҳа барои кормандон;
- Тақвияти идеологияи давлатӣ ва дунявӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо;
- Тарҳрезии барномаи кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлати ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо ниҳодҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- Мунтазам чоп кардани брошюра, буклет, плакатҳо ва дигар мавод доир ба ин мавзӯъ ба забони содда ва фаҳмо барои мардум;
- Созмондиҳии сафари имомхатибон аз Тоҷикистон ба Федератсияи Русия барои пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғотӣ байни муҳоҷирони корӣ;

Ҳамин тавр, барои муборизаи босамар бар зидди мафкураи экстремистии динӣ, тундгарой ва даҳшатафканӣ, ба ҷуз аз пешниҳодҳои зикршуда, оила, ҷомеа ва давлатро зарур аст, ки дар ташаккул ва тарбияи шахсияте, ки дар ҳама ҳолат ба манофеи миллию давлатӣ авлавият диҳад, сатҳи баланди ахлоқ, ҷаҳони ғановатманди маънавӣ дошта, масъулиятшиносу созанда ва таҳаммулпазиру худогоҳ бошад, якҷоя саҳми арзанда гузоранд. Ҷойи шубҳа нест, ки давлат танҳо бо неруи қавии зеҳнӣ, идеяи миллӣ ва афроди пешоҳанги худ, яъне равшанфикрон, донишмандон ва ҷавонони таҳсилдидаю навовараш рушд мекунад. Барои комёб шудан ба рушди устувор, албатта, таҳкими ғояи миллӣ ва идеологияи давлатӣ муҳим аст.

# ДОМАНАИ ОТАШИ ТЕРРОР КӮТОҲ НЕСТ!

**Терроризм чист? Зуҳуроти иҷтимоист ё раванд ва ё ин ки мактаби махсус аст? Ҳамчун падидаи номатлуб нав пайдо шудааст ва ё таърихи дерина дорад? Чаро амалҳои террористӣ анҷом дода мешаванд? Ва ба ҳамин монанд саволҳои дигар таваҷҷуҳи ҳар як нафар узви дилхоҳ ҷомеаи имрӯзаи башариро на ин ки бетараф намегузоранду беихтиёр ба худ ҷалб менамоянд, балки ба ташвишу таҳлука меандозанд. Дар хусуси терроризм ва маъною ҳадафҳои он мутахассисону коршиносон хеле зиёд навиштаанду гуфтаанд, ки аслан аз онҳо чизе дар ин маврид беш гуфта наметавонем. Вале ба ҳар ҳол ҳодисаҳои рӯзафзуни террористӣ, ки пайваста дар кишварҳои олам рух медиҳанд ва боиси марг ва захмӣ шудани одамони зиёд мегарданд, моро водор бар он менамоянд, ки ба ин падидаи номатлуби замонамон бетараф набошем. Агарчи ба қадри як мутахассиси соҳа масъаларо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода натавонем ҳам, лоақал мушоҳидаҳо ва назару андешаҳои шахсии худро дар хусуси он баён намоем ва онро маҳкум созем, пас кори хайре кардаем.**

Аслан маънои оммафаҳми истилоҳи “террор” тарсонидан ва ба ваҳшату даҳшат андохтани касе мебошад. “Терроризм” бошад раванд ва ё ҷараёни даҳшатафканӣ аст, ки имрӯз ба таври бесобиқа рушд кардааст. Албатта, тарсонидани касе ё гурӯҳе ва ё ҷомеае аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва ҳангоми муборизаҳову муҳорибаҳо аз он истифода мебурданд. Барои ғолиб омадан ба касе ё гурӯҳе аз қувва дида, тарсонидану ба даҳшат андохтан манфиати бештар дорад. Дар асрҳои миёна лашкари муғул пеш аз он ки ба шаҳре ҳуҷум кунад, нахуст қосид мефиристод ва қосидон ба мардум мегуфтанд, ки “фалон рӯзу фалон соат ба сари шумо балои азиме аз осмон фуру хоҳад рехт” ва бо чунин суханҳо ба дили мардум тарсу ваҳмро ҷо мекарданд. Ва дар рӯзу соати таъйиншуда бо шӯру мағал ва тозонидани асбҳои худ, чангу ғуборро ба осмон бардошта, ҳамон “балои азим”-и қаблан ваъдадодашударо барпо мекарданд ва мардуми аз қабл ваҳшатзада ба он “бало”-и сунъӣ ва бардурӯғ бовар карда, ба ҷойи муқовимат кардан рӯ ба фирор меоварданд ва ба осонӣ шикаст мехӯрданд. Молу амволашон муфт ба яғмо мерафт ва худашон ё кушта ва ё ғулом мешуданд. Ин тарзи амали муғулон дар замони худ як навъ терроризм ба шумор мерафт.

Дар силсилафилми “Фантомас”-и ширкати синамоии Гомонти Фаронса, ки солҳои 60-уми асри XX наворбардорӣ шудааст, ба хубӣ мебинем, ки Фантомас бо роҳи маккорӣ, фанду фиреб ва худро ҳамчун инсони ғайриоддӣ, абарқудрат, асрорангез ва шикастнопазир нишон додан, одамони калидии ҷомеаро чӣ гуна медуздад ва чӣ гуна ба қатл расонида, дар тасаввури мардум тухми ваҳму тарсро мекорад. Маълум мегардад, ки ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри XX филмноманависони фаронсавӣ ҷомеаи башариро ояндабинӣ карда, чунин филмро бардоштаанд. Воқеан он тарсу ваҳм ва он усулҳои тарсонидани мардум, ки дар ин филм мебинем, акнун даҳҳо ва садҳо маротиба бештар гардида, дар ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳон дар амал татбиқ гардида истодаанд. Ба ҳисоби миёна амалҳои террористие, ки дар давоми як сол дар Фаронсаи солҳои охир анҷом дода мешаванд бештар аз ҳазоранд. Мутаассифона вазъ дар кишварҳои муқтадири ҳамсоя, мисли Олмон ва Англия аз ин беҳтар нест. Ҳатто амалҳои террористӣ дар кишварҳои абарқудрате чун Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Россия низ хеле зиёд ва дар шакли хеле маргбор даҳшатовар рӯй дода истодаанд.

Бинобар ин, дар кишварҳои олами имрӯза рӯзе нест, ки дар кадом як гӯшаи олам, хусусан дар минтақаҳои сераҳолии шаҳрҳо ин ё он амали террористӣ анҷом дода нашавад ва боиси марг ва ҷароҳатбардории шумораи зиёди мардумон нагардад. Ба ин ҳодисаҳо ба воситаи ахбори умум, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ дастрасии комил дорем. Солҳои охир, амалҳои террористӣ, ки боиси ҳалок гардидани шумораи зиёди одамони бегуноҳ шуда истодаанд, на фақат дар кишварҳои даргири ҷангу муноқиша, балки тавре ишора шуд, аҷаб ин аст, ки дар мамлакатҳои абарқудрату пешрафта низ ба таври фаровон ба назар мерасад. Бинобар ин, инсоне ки ақли солим дорад чунин тарзи ҷараён гирифтани ҳаводисро дида, наметавонад, ки дар ҳайрат намонад ва ошуфта нагардад.

Қиёси ҳодисаҳо ва амалҳои террористии рӯйдиҳанда дар кишварҳои дар ҳоли ҷангу муноқиша қарордошта ва кишварҳои мутараққию пешрафта, ишора бар он мекунанд, ки имрӯз ягон механизме ҳанӯз коркард нагардидааст, ки пеши роҳи амалҳои маргбори террористиро пурра бигирад ва амнияти шаҳрвандонро комилан таъмин ва кафолат дода тавонад. Агар ба омори ҳамлаҳои террористии сатҳи гуногуни кишварҳои олам назар афканем, кам кишвареро пайдо мекунем, ки аз чунин ҳамлаҳои маргбор дар амон бошад. Ба ҳар ҳол, кишварҳои нисбатан амну ором ҳанӯз ҳам пайдо мешаванд, ки дар он қатор Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад.

Вале набояд фаромӯш кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паси ин ҳама амну оромӣ ва сулҳу субот оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро бо ҳазорон- ҳазор қурбонӣ ва хисороти ҷубронннопазир гӯронидааст. Оташи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро як ба ёд оварем, аз пеши назарамон чӣ ҳодисаҳо мегузаранд. Магар он ҳама қатлу куштор террор набуд? Бале, террор буд, балки бадтар аз он. Барои ба ин рӯзгори орому осуда расидан, фарзонафарзандони халқи тоҷик заҳмати бедареғ кашидаанд, бисёре ҷонашонро қурбон кардаанд. Намоёнтарин ва тобноктарин чеҳрае аз миёни он фарзонафарзандони миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки давлати навини тоҷикон ва халқи қурбоншудаву азияткашидаи тоҷикро аз вартаи ҳалокати ҷанги шаҳрвандӣ раҳонид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз яке аз амнтарин кишварҳои олам аст. Бале, амнтар аз ИМА, Россия, Олмон, Фаронса, Англия ва ғайраҳо. Бубинед, Ҷумҳурии Тоҷикистон амнтар аз пешрафтатарин ва абарқудраттарин кишварҳои олам аст. Пас ба қадри ин амнияту оромӣ ва сулҳу субот мебояд расид. Набояд фаромӯш сохт, ки амнияту сулҳу суботи сартосарии Ҷумҳурии Тоҷикистон худ ба худ ба вуҷуд наомадааст, барои ин амну субот роҳбари олии мамлакат, мақомотҳои дахлдор ва дар умум халқ саҳми бузург доранд. Вале ин нуктаро низ набояд фаромӯш кард, ки бефарқию бетарафӣ, кинаю бухл, рашку ҳасади баъзеҳо метавонад чунин сулҳу амният, ки бо заҳмати зиёд ба даст омадааст, халалдор созад.

Тавре ба ҳамаи мо маълум аст, шояд фисади бештари амалҳои террористӣ, ки дар тамоми олам анҷом дода мешаванд ба намояндагони дини ислом рабт дошта бошанд. Ин чӣ маъно дорад? Магар дини ислом мардумро ба роҳи террористӣ ҳидоят менамояд? Магар дини ислом ҷонибдори қатлу куштор аст? Савол ба миён меояд, ки чаро дини ислом дар давоми мавҷудияти ҳазору чандсадсолаи худ касеро ба роҳи террористӣ ҳидоят



**Султонзода Соқӣ Аслон – д.и.ф., профессори ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

накард, балки бузургтарин мутафаккирону донишмандонро тарбият намуд, ки аз қабили онҳо Имоми Аъзаму Имом ал-Бухорӣ, Рӯдакию Фирдавсӣ, Синою Берунӣ, Саъдию Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолиддину Мавлоно Ҷомӣ, Муҳаммад Ғазолию садҳои дигар мебошанд, вале омада-омада дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI усули тарбияташро дигар кард. Акнун ба ҷойи он ҳама нобиғагони илму фарҳанг террорист тайёр мекунад?

Мутаассифона, хоҳ сохта ва хоҳ бофта, бештари амалҳои террористии олами имрӯза ба дасти мардуми мусулмон анҷом дода шуда истодаанд. Ин воқеиятро нодида гирифта наметавон, вале ҳамоно дар анҷоми амалҳои террористӣ исломро низ наметавон гунаҳгор кард. Ислом ҳанӯз ҳам ҳамон ислом аст, ки бузургони болозикрро тарбият кардааст, ба Қуръони вай, ки асоси ин таълимот аст, то ба имрӯз ягон тағйиру илова нашудааст. Пас иллат дар чист, ки намояндагони ин дин даст ба амалҳои пайвастаи террористӣ зада, ҳам худ, ҳам давлату миллати худ ва ҳам номи динро доғдор менамоянд? Ба назари мо иллат дар як чиз аст: нодонӣ, яъне ҷоҳилӣ, ба гардан нагирифтани омӯзиши илмҳо, аз эҳсосоти бе поя нагузаштан ба ратсионализми мантиқӣ ва ғ.

Мутаассифона бештари ҷавонони мардуми мусулмон, хусусан кишварҳои даргири ҷангу муноқиша ба ҷойи он ки ба илми дунявӣ рӯй оварда, аз пайи омӯзиш ва кашфи асрори табиат шаванд ва худро аз ҷиҳати интеллектуалӣ бо ҷавонони кишварҳои дар ин ҷода пешрафта баробар намоянд, баръакс дил ба дунёи мавҳуму номавҷуди дигар баста, аз пайи на ақл, балки эҳсосоти кӯр-кӯронаи динӣ мераванд ва ба расидан ба саодати дунёро на дар ин дунё, балки дар охират мунтазир мешаванд. Боиси таассуф аст, ки онҳо ҳатто илми динро низ ба ҳадде намеомӯзанд, ки лоақал динро аз хурофот фарқ карда тавонанд. Бинобар ин, ба гуфтаи ин муллою он муфтӣ гӯш андохта, билохира аз ҷодаи муқаррарии инсонӣ мебароянд, нисбат ба дину оинҳои дигар ҳисси бадбинию нафрат пайдо карда, таҳаммулпазириро аз даст медиҳанд, нахуст ба гирдоби ифроти дин меафтанд ва барои дарёфти саодати абадайн даст ба амалҳои террористӣ мезананд, ки оқибат ба марги худ ва чандин нафар бегуноҳи дигар анҷом мепазирад.

Раванди манқуртшавӣ ва ё ба истилоҳи имрӯза “зомб” шудан дар онҳо ба ҳадде боло мегирад, ки ақли солими таҳлилӣ дар онҳо комилан нест мегардад ва онҳо аз хатти кашидаи хоҷагони худ як қадам берун намонда, одамони бегуноҳро гунаҳгор шуморида, қатли онҳоро амали муқаддас ва рисолати муҳимтарини зиндагии худ меҳисобанд ва дар сурати шаҳид шудан, худашонро ба биҳиштрафта мепиндоранд. Ин аст ниҳояти кору ҳадафи аксар террорист.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонист ва тамоми падидаю ҳодисаҳои дар ҷаҳон ба амалоянда ба он бе таъсир намемонанд. Ба тарзи давлатдории Тоҷикистон, ки тибқи Конститутсия давлати дунявӣ эълон гардидааст нигоҳ накарда, ҳавою ҳаваси бе поя ва кӯр-кӯрона ба дин дар байни мардум, хусусан дар шаҳрҳои калон рӯз то рӯз бештар гардида истодааст. Рӯзҳои ҷумъа бо мошинҳои зиёд ба масҷидҳо рафтану дар роҳҳо тамбашавии сунъиро ба бор овардан ба ҳукми анъана даромадааст. Дар байни онҳо

*(Идома дар саҳ. 16)*

ТАҲЛИЛ

# ПАЁМ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Аввалаш дар саҳ. 15)*

як иддаи назаррас хидматчиёни давлатианд, ҳамон давлате, ки тибқи конститутсия давлати на динӣ, балки дунявӣ эълон гардидааст. Албатта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари давлати дунявӣ будан, давлати демократӣ низ ҳаст ва пайравӣ ба дину оин озод аст, вале набояд фаромӯш сохт, ки ҳар кору амал ҳад дорад. Тавре қаблан ишора намудем, диндории мардуми мо бештар на диндории ақлӣ, балки таклидӣ ва кӯр-кӯрона буда, бар пояи эҳсос ва шунидаҳо шакл мегирад. Бинобар ин, чунин тарзи диндорӣ ба осонӣ метавонад ба ифротгароӣ, ҳатто ифротгароии оммавӣ табдил ёбад.

Дигар падидаи номатлубе, ки солҳои охир дар шаҳру деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли авҷ гирифтан аст, пушидан ва тарғиби либоси бегона мебошад. Дар бештари маҳаллаҳои шаҳри Душанбе баъзан ягон занро бо либоси тоҷикӣ пайдо кардан намешавад, кулли занҳо ба сатру ҳиҷоби арабӣ гузаштаанд. Ҳатто дар тобистон ва гармии тоқатфарсо низ бештари занон бо ҳамон сатру ҳиҷобҳо худро печонида мегарданд, ки ин тарзи диндорӣ бинандаро дар ҳайрат мегузорад. Аҷаб он аст, ки матои ҳиҷобҳои хориҷӣ на аз пахта ё пашми табиӣ, балки сунъӣ буда, гармиро дучанд месозанд ва бубахшед, бӯю тафи соҳиби ҳиҷобро ба гирду атроф пахн мегардонанд, хусусан дар нақлиёти мусофиркаш ин ҳодисаҳо ба падидаи муқаррарӣ табдил ёфтаанд.

Дигар падидаи номатлуб он аст, ки дину диёнати мо на барои қонеъ гардонидани талаботи руҳу равонамон, балки ба силоҳи худнамоӣ ва риёкорӣ табдил ёфтааст. Саҳаргоҳон пеш аз дамидани субҳ аксарият дар нақлиёти мусофиркаш (автобус, тролейбус, микроавтобус) новобаста аз он ки нақлиёт ба сӯйи қибла ҳаракат дорад ё ба сӯйи дигар хеле аз одамон намоишкорона намоз мехонанд. Сарашонро бурда ба оҳани пеш ва ё паси курсии дар пешистода мекубанд ва нишон медиҳанд, ки саҷда карда истодаанд. Магар дар нақлиёти мусофиркаш намоз хондан ҷоиз аст? Оё дар нақлиёти мусофиркаш барои адои намоз ягон шароит аст? Охир барои адои намоз ҷойи пок ва ҷомаи пок зарур аст, на курсии автобус! Чунин рафтор дар нақлиёт тамошобинро ба ду хулоса мебарад: 1. Шахси намозхон ба дигарон бо намозаш чунин хитоб мекунад: "Бубинед ман чӣ гуна мусалмонам, ҳатто дар нақлиёт ҳам намозамро мехонам ва Худоро фаромӯш намекунам. Ва касоне, ки дар нақлиёт намоз нахонданд, бубинед, ки ман аз шумо чӣ гуна бартарам ва чӣ гуна мусулмонтарам. Аз ман биомӯзед!" 2. Тақлид. "Хоҷа боғ дорӣ? Дорам". Яъне боз ҳамон муносибати ғайриақлӣ ва кӯр-кӯрона ба дин. Дар куҷое набошад ва чӣ гунае ки набошад, шароит ҳаст ё нест, таҳорат ҳаст ё нест, фарқ надорад, бояд як ду сураро хонад ва он намоз, ки дар гарданаш қарз аст аз худ дур созад.

Хулоса зарур аст, ки ба чунин муносибатҳои беақлона, тақлидкорона ва риёкорона ба дин мебояд хотима бахшид, зеро ҳамаи ин метавонад ба ифротгароӣ ва зинаҳои минбаъдаи барои ҷомеа боз ҳам хатарноктар замина гузорад. Имрӯз бадбахтона терроризм ба як ҷараёни бузург, як идеологияи ҷаҳонӣ, падидаи харобиовари аз ҷониби қувваҳои бадӣ идорашаванда бар хилофи қувваҳои некӣ табдил ёфтааст. Доманаи ин оташи аҳриманӣ аз он ки мо ҳис ва дарк мекунем хеле фарохтару густардатар аст. Бо ин падидаи номатлуб на дар танҳоӣ, балки фақат дастаҷамъона, боэҳтиёт ва боақлона метавон мубориза бурд.

# НЕРУГОҲИ ОБИИ БАРҚӢ ҲАМЧУН МАНБАИ ЭНЕРГИЯИ САБЗ

**Дар ҷаҳони имрӯза энергияи сабз ба яке аз воситаҳои асосии мубориза бо тағирёбии иқлим ва ифлосшавии муҳити зист табдил ёфтааст. Ин энергия аз манбаъҳое меояд, ки табиатан барқароршаванда ва амалан тамомнашаванданд.**

Манбаъҳои асосии энергияи сабз:

Энергияи офтобӣ: Радиатсияи офтобӣ яке аз манбаъҳои гуногуни энергия мебошад. Панелҳои офтобӣ ин энергияро ба нерӯи барқ табдил медиҳанд, ки тадриҷан дастрасанд.

Энергияи шамол: Турбинаҳои бодӣ энергияи кинетикии шамолро барои тавлиди нерӯи барқ истифода мебаранд. Ин манбаи энергия ҳам самаранок аст ва ҳам ба муҳити зист таъсири кам дорад.

Гидроэнергетика: Истеҳсоли нерӯи барқ бо истифода аз оби равон яке аз қадимтарин ва пешрафтатарин манбаъҳои барқароршавандаи энергия мебошад. Нерӯгоҳҳои барқи обӣ нерӯи барқи устувор истеҳсол мекунанд, аммо сохтмони онҳо метавонад ба экосистемаҳои дарёҳо таъсир расонад.

Биоэнергетика: Истеҳсоли энергия аз биомасса ба монанди партовҳои растанӣ, пасмондаҳои органикӣ ва ҳатто партовҳо метавонад ҳаҷми умумии партовҳоро коҳиш диҳад ва энергияи ками карбонро тавлид кунад.

Манфиатҳои энергияи сабз

Энергияи сабз ба мо имкон медиҳад, ки вобастагии худро аз захираҳои истихроҷшаванда, аз қабили нафт ва ангишт кам кунем ва партовҳои газҳои гулхонай кам кунем. Ин энергия на танҳо экосистемаҳоро муҳофизат мекунад, балки дар соҳаҳои технологияҳои пешрафта имкониятҳои нави ҷойҳои корӣ эҷод мекунад.

Чигунае ки қабалн қайд кардем яке манбаъҳои асосии энергияи сабз ин Неругоҳи обии барқӣ мебошад. Нерӯгоҳҳои барқи обӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳими истеҳсоли энергияи тоза ва барқароршаванда дар рушди устувори ҷомеаҳо нақши муҳим мебозад. Ин нерӯгоҳҳо бо истифода аз нерӯи оби равон энергияи механикиро ба энергияи барқ табдил дода, бо ҳамин дар таъмини саноат, ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Об ҳамчун манбаи барқароршавандаи табиӣ, истеҳсоли пайвастаи энергияро дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ таъмин мекунад. Дар муқоиса бо нерӯгоҳҳои барқии сӯзишврии истихроҷшуда, нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунанд. Сарбандҳое, ки барои нерӯгоҳҳои барқи обӣ сохта шудаанд, метавонанд дар мубориза бо обхезиҳо ва таъмини об барои кишоварзӣ ва саноат нақши муҳим бозанд. Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои барқи обӣ имкониятҳои зиёди ҷойҳои кориро фароҳам оварда, ба рушди иқтисодии минтақаҳо мусоидат мекунад. Нерӯгоҳҳои барқи обӣ метавонанд ба тағирёбии талабот ба нерӯи барқ зуд мутобиқ шаванд ва ба ин васила устувории шабакаи барқро афзоиш диҳанд.

Таъмини нерӯи барқи устувор ва арзон яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ мебошад. Нерӯгоҳҳои барқи обӣ бо тавлиди нерӯи арзони барқ ба рушди саноат ва корхонаҳо кумак мекунанд ва ба ин васила ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд ва даромади миллиро афзоиш медиҳанд. Дастрасӣ ба нерӯи барқи устувор сифати зиндагии мардумро беҳтар мекунад. Нерӯи барқ барои рӯшноӣ, гармкунӣ, хунуккунӣ, пухтупаз ва истифодаи асбобҳои барқии дар ҳаёти ҳаррӯза зарурӣ муҳим аст. Бо афзоиши ҳиссаи нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар сандуқи энергетикӣ, вобастагии кишварҳо аз сӯзишвории истихроҷшаванда коҳиш ёфта, амнияти энергетикӣ афзоиш меёбад. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар деҳот дастрасии ин минтақаҳоро ба нерӯи барқ фароҳам меорад ва ба рушди инфрасохтор ва беҳтар шудани хизматрасонӣ дар ин минтақаҳо мусоидат мекунад.

Нерӯгоҳҳои барқи обӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин манбаъҳои истеҳсоли энергияи тоза ва барқароршаванда дар рушди устувори ҷомеаҳо нақши хеле муҳим доранд. Бо назардошти манфиатҳои зиёди ин нерӯгоҳҳо, сармоягузорӣ ба рушди онҳо метавонад ба беҳтар шудани сифати зиндагии мардум, коҳиш додани вобастагӣ аз сӯзишвории истихроҷшаванда ва ҳифзи муҳити зист мусоидат кунад. Ҳамин, тариқ дар сурати сохтани неругоҳҳои обии барқӣ чунин ҳолатҳо бахри рушди ҷомеаҳо мусоидад менамояд:

- нахуст, ин истеҳсоли барқи аз лиҳози экологӣ беҳтар,
- рушди соҳаи кишоварзӣ,
- рушди соҳаи чорводорӣ,
- рушди соҳаи туризми сайёҳӣ,
- рушди соҳаи моҳипарварӣ,
- муътадил шудани иқлим.



Абдуҷабборзода Хушбахт – ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ



Омӯзгори ҷавон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов
САРМУҲАРРИР:
ФАРИДУН КЕНҶАЗОД
Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон: 224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.
Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.
Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.
Адади нашр: 50 нусха